Лоиҳа

# Вазорати маорифи
# Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Стратегияи миллии рушди маорифи
# Ҷумҳурии Тоҷикистон
# барои солҳои 2009-2018

*Маълумот муҳимтарин омили наҷоти миллат ва устувории давлат ба ҳисоб меравад.*

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*Э.Раҳмон*

# ПЕШГУФТОР

Ҳуҷҷати мазкур, ки Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, мутобиқи вазифаҳои аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф гузошташуда, ҳамчунин бо мақсади иҷро намудани вазифаҳои дар Ҳуҷҷат оид ба Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, Маълумот барои ҳама омада ва амалигардонии мақсадҳои дарозмуддати ҷорӣ намуданиислоҳот дар соҳаи маориф омода гардидааст. Бо Фармони Вазири маориф гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он кормандони масъули Вазорати маориф, вазоратҳои дахлдор, олимон, намояндагони созмонҳои ғайридавлатӣ, мушовирони маҳаллӣ ва байналхалқӣ шомил буданд. Намояндагии Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Рушди Осиё ва Хазинаи кӯдакони СММ кӯмаки техникӣ ва машваратӣ расонданд.

Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф ба имкониятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди мамлакат, вазифаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва ислоҳоти соҳаи маориф дар солҳои 2004-2009 асос меёбад. Вазифаи банақшагарии стратегӣ ин пешгӯӣ кардан ва муайян намудани оянда тавассути имкониятҳо ва мушкилот, биниши ҳаводиси муосир дар пешомади боз ҳам васеъ ба ҳисоб меравад.

Таҳия намудани стратегияи маориф бояд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат намояд, фаъолият ва нақши соҳаҳои Вазорати маорифро барои муайян намудани самтҳое, ки аз рӯи он кишвар соҳаи маорифро инкишоф хоҳад дод, аниқ намояд ва ба он диққати махсус диҳад. Чунин стратегия барои боз ҳам оқилона ҷудо намудани захираҳои давлатӣ, ки дар ҳалли мушкилоти асосие, ки дар назди соҳаи маориф меистад, нуқтаи асосӣ ба шумор меравад.

# Мундариҷа

Пешгуфтор ..................................................................................1
Ихтисорот ..................................................................................4
Маълумоти мухтасар дар бораи кишвар .......................................5
Тавсифи мухтасари соҳаи маориф ................................................6
Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Қисми-I. Таҳлил ва роҳҳои рушди соҳаи маориф ………… ………..7
1.1.Вазъият дар ҷумҳурӣ ………………………………………………7
1.2.Нақш ва мавқеи таҳсилот дар шароити рушди миллӣ……….9
1.3.Таҳлили мушкилот ………………………………………………12
1.3.1.Идоракунии соҳаи маориф ………………………………12
1.3.2.Дастрасӣ ба таҳсилот ва баробарии соҳаи маориф……14
1.3.3.Сифати таълим ва мувофиқатии он ....................................22
1.3.4.Вазъият оид ба захираҳои инсонӣ ......................................24
1.3.5.Захираҳои молиявӣ ва менеҷменти молиявӣ .......................26
1.4. Чораҳои андешидашуда барои тағйирот/ислоҳоти
системаи маориф ..........................................................................28
1.4.1.Ислоҳоти сиёсӣ........................................................................28
1.4.2.Тарҳрезии соҳаи маориф ........................................................29
1.4.3 Амалигардонии нақшаҳои миллӣ, барномаҳо
ва лоиҳаҳои махсус ....................................................................30
1.4.4.Чораҳо оид ба ислоҳоти молиявӣ ..........................................30
1.4.5.Ба кор андохтани захираҳо ....................................................31
Қисми-II. Нақшаи стратегии рушди соҳаи маориф (2009-2018)..32-50
Қисми-III. Нақшаи амалиёти миёнамӯҳлати рушди соҳаи маориф
(2009-2013).

# ЗАМИМАҲО

*Замимаи 1.* Маълумоти омории мухтасар дар соҳаи маориф

*Замимаи 2.*Дурнамои шумораи аҳолӣ дар синну соли мактабӣ (ҷадвалӣ ҷамъбастӣ)

*Замимаи 3.*Шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миқдори хонандагон ва омӯзгорон, аз онҳо соли таҳсили 2003-2008

*Замимаи 4.*Хароҷоти умумии буҷет барои маориф ва тайёрии касбӣ дар кишварҳои ИДМ

*Замимаи 5.*Шумораи занҳое, ки (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои ИДМ таҳсил доранд

*Замимаи 6.*Шумораи донишҷӯёни (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон) муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ИДМ ва дигар кишварҳои ҷаҳон

*Замимаи 7.*Шумораи омӯзгорон (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона дар кишварҳои ИДМ

*Замимаи 8.*Сарчашмаҳои молиявии соҳаи маориф дар солҳои 2000-2007

*Замимаи 9.*Маблағгузории сарикасӣ аз рӯи дараҷаи таҳсилот

*Замимаи 10* Хароҷот дар соҳаи маориф аз рӯи дараҷаи таҳсилот

*Замимаи 11.*Хароҷотҳои давлатӣ дар соҳаи маориф аз рӯи дараҷаи таҳсилот

*Замимаи 12.*Номгӯи қонунҳои асосӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1993-2008)

*Замимаи 13.*Номгӯи консепсияҳо, барномаҳо, нақшаҳои амалиётҳои асосии соҳаи маориф

*Замимаи 14* Марказҳои таълимӣ

*Замимаи 15.*Нишондиҳандаҳои соҳаи маориф

# ИХТИСОРОТ

АНМБ – Аломати норасоии масунияти бадан
БРО – Бонки Рушди Осиё
БУ – Бонки умумиҷаҳонӣ
ВМ – Вазорати маориф
ВНМО - Вируси норасоии масъунияти одам
ИТО – Иттиҳоди техникии Олмон
ИЯД – Имтиҳони ягонаи давлатӣ
ММД – Маҷмӯи маҳсулоти дохила
МТОК - Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
МТТ – Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ
МТМУ – Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ
НИИМ- низоми иттилооти идоракунии маориф
НТМ-ноҳияҳои тобеи марказ
ПИП – Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ
ПМТ – пояи моддию техникӣ
СММ – Созмони Милали Муттаҳид
СМРҶТ – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон
СММОБМИФ – Созмони миллали муттаҳид оид ба корҳои маориф илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО)
СҲИИ – Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва инкишоф
ОИМАРБ – Оҷонсии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба рушди байналмилалӣ
ОКТ - Омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ
ТБҲ – Таҳсилот барои ҳама
ТҒД- Ташкилоти ғайридавлатӣ
ТИК- таҳсилоти ибтидоии касбӣ
ТИКИ – Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ
ТИМК– Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ
ТМК – Таҳсилоти миёнаи касбӣ
ТСЗАБ – Таҳқиқоти сатҳи зиндагонии аҳолии Бадахшон
ТТМ – Таҳсилоти томактабӣ
ТУМ – Ташкилоти умумиҷаҳонии муҳоҷират
ХКСММ – Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид
ҲРҲ - Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола
ҲСПСК – Ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ
ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
ИҶКБ СОРОС- Институти ҷомеаи кушодаи бунёди СОРОС

# Маълумоти мухтасар дар бораи кишвар




Масоҳати Тоҷикистон 143,1 ҳаз.км.кв.
Бо ҷумҳурҳои Афғонистон, Чин, Қирғизистон, Ӯзбекистон ҳамсарҳад аст.
Аҳолӣ (барои соли 2007) 7063,8 ҳаз. нафар.
Шаҳрӣ 26,3%
Деҳот 73,7%
Ҳайати этникӣ:
Тоҷикон 80%
Ӯзбекҳо 15,3%
Русҳо 1,1%
Дигар миллатҳо 3,6%
Пойтахт ш. Душанбе
Рӯзи истиқлолият 9 сентябри соли 1991
Тақсимоти маъмурӣ ВМКБ,
вилоятҳои Суғд ва Хатлон, ш. Душанбе, НТМ
Зичии миёнаи аҳолӣ 49 нафар ба 1 км. кв.
Давомнокии умр (2005)1 70,6
Суръати табиии афзоиши аҳолӣ ( %) 2,1
Дастрасӣ ба оби нӯшокии тоза 51,2% аҳолӣ
ММД барои хар сари аҳолӣ (2007)1774,5 сомонӣ (515,58$)
Суръати афзоиши ММД ( %)
то соли 2007 107,8
Аҳолии камбизоат (2004) 63,7%
Музди миёнаи меҳнат (соли 2007) 163, 27 сомонӣ
Музди миёнаи меҳнат дар соҳаи
маориф (соли 2007) 140,79 сомонӣ
Хароҷоти буҷети давлатӣ барои
таҳсилот (соли 2007)- 15,8 %
Кӯдакони то 18-сола 2 243 709
Шумораи хонандагони
синфҳои 1-11 (2008) 1690585
Аз он ҷумла духтарон 794005
Афзоиши шумораи хонандагони
синфҳои 1-11 дар солҳои 2007-2008 1,002 %
Шумораи хонандагони синфҳои
ибтидоӣ, ки то ба синфи панҷ расиданд 87,5 %
Шумораи муаллимони синфҳои 1-11
Дар соли таҳсили 2007-2008 99354
Аз он ҷумла муаллимаҳо 52985

## Тавсифи мухтасари соҳаи маориф

Соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати маориф (мақомоти давлатии идораи ҷумҳуриявӣ) идора карда мешавад.

Идоракунии соҳаи маориф хусусияти давлатию иҷтимоӣ дорад.

Мақомоти дахлдори маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаро идора мекунанд.

Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ аз тарафи вазорату идораҳои дахлдор идора карда мешаванд.

Мувофиқи қонунгузории ҷорӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсили рӯзона, ғоибона, фосилавӣ (дистансионӣ) ва экстернат ҳуқуқ доранд.

Соҳаи маорифи ҷумҳурӣ бо дараҷаи зерини таҳсилот нишон дода шудааст:

| Дараҷаи таҳсилот | Давомнокии таълим | Синну сол | Муассисаҳои таълимӣ |
|---|---|---|---|
| Таҳсилоти томактабӣ | 1-3,3-6 | 1-6 (7) | Кӯдакистон/ яслӣ |
| Таҳсилои умумӣ: | 11 сола | 7-18 | Мактабҳои таҳсилоти умумӣ, гимназияҳо, литсейҳо |
| • Ибтидоӣ | 4 сола | 7-11 | |
| • Умумии асосӣ | 5 сола | 11-16 | |
| • Миёнаи умумӣ | 2 сола | 16-18 | |
| Таҳсилоти касбӣ: | | | ОКТ, марказҳо, техникумҳо, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо, донишгоҳҳо, академияҳо ва донишкадаҳо |
| • Ибтидоӣ | 1-4 сола | аз нни16 | |
| • Миёна | 2-4 сола | аз нни16 | |
| • Олӣ | 4-6 сола | аз нни 17 (18) | |
| Таҳсилоти баъд муассисаи таҳсилоти олии ксбӣ | | | Аспирантура, докторантура |
| Таҳсилоти иловагӣ | | | |

## Қонунгузорӣ дар соҳаи маориф

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (27 декабри соли 1993 қабул гардидааст, солҳои 1994, 1995, 1996, 1997, 2003 ба он қисман тағйиротҳо ворид гардида буданд; шакли ҳозираи амалкунанда 17 майи соли 2004 қабул гардидааст).

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» (2003).

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» (моҳи июни соли 2003) .

# Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚИСМИ - I

## 1.Таҳлил ва роҳҳои рушди соҳаи маориф

### 1.1. Вазъият дар ҷумҳурӣ

Баъди ба имзо расидани Шартномаи оштӣ соли 1997 устуворшавӣ ба миён омад ва дар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ баъзе бартариятҳо ба назар расид. Баъди ҳамаи бӯҳронҳо ва дигаргуниҳои ҷиддии харобиовар, ки Тоҷикистонро солҳои аввали истиқлолият ба изтироб оварда буданд, дар ҷумҳурӣ билохира барои инкишофи устувори иқтисоди бозоргонӣ, гузаронидани ислоҳоти зарурӣ дар ҳамаи фаъолияти ҷомеа, ворид шудани давлат ба бозори ҷаҳонӣ ва ғайра шароит ба миён омад. Дар Тоҷикистон раванди устуворшавӣ ва ислоҳоти ҷомеа ҷоннок гардид. Ниҳодҳои нав ташаккул ёфта, шабакаҳои созмонҳои ғайридавлатӣ инкишоф меёбанд, базаи қонунгузорӣ ва раванди демократикунонӣ такмил ёфта, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар навбати худ оҳиста–оҳиста пеш меравад.

Гузариши Тоҷикистон ба иқтисоди бозоргонӣ дарки назариявии натиҷаҳо ва дарсҳои ислоҳоти гузаронидашуда, омӯзиши мушкилоти ба миёномада, ошкор намудани роҳҳоеро, ки ба ислоҳоти ҳамаи соҳаҳо амал кардани давлат мусоидат мекунанд, талаб мекунад.

Дар баробари ин, ба чораҳои андешидашуда оид ба беҳтар кардани вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ нигоҳ накарда, ҷумҳурӣ ба ҳазорсолаи нав бо як қатор мушкилоти ҳалношуда, ки бо камбизоатии аҳолӣ, сатҳи баланди бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, норасоии маблағ ба эҳтиёҷоти сохтори иҷтимоӣ, пастравии дастрасии аҳолӣ ба хидматрасонӣ дар соҳаи таҳсилот, тандурустӣ ва ғайра алоқаманд аст, қадам гузошт. Чуноне ки аз Ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ (ҲСПСК) бармеояд, ҳалли масъалаҳои рушд чун пештара бо мушкилоти ҷиддӣ ва хатар алоқаманд мебошанд. Ҷумҳурӣ дар роҳи аз давраи барқарорсозии баъдинизоӣ ба ҳалли мушкилоти иқтисодӣ гузариш қарор дорад. Солҳои охир ҷумҳурӣ ба амалигардонии дигаргуниҳои институтсионалӣ, аз он ҷумла гузаронидани ислоҳоти сохтори давлатӣ ва ислоҳоти корхонаҳои давлатӣ, беҳтар намудани сифати хидматрасониҳои асосии аз тарафи давлат пешниҳодшуда ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ гузаштааст.

Дар байни давлатҳои ИДМ аз рӯи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ Тоҷикистон дар ҷои охир меистад. Андозаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2007 - 1774,5[1] сомониро ташкил дод.

[1] Кумитаи омори ҶТ. Тоҷикистон: 15 соли истиқлолият. Душанбе. С.2006, с. 11.

Мувофиқи маърӯзаи Барномаи рушди СММ оид ба рушди инсон дар соли 2006 аз рӯи индекси инкишофи иқтидори инсонӣ (ИИИИ) Тоҷикистон ҷои 122-юмро ишғол мекунад, ки ин дар байни кишварҳои ИДМ яке аз ҷойҳои охир аст[2].

Таҳлили маълумотҳои Кумитаи омории байнидавлатии ИДМ барои соли 2005 нишон медиҳад, ки музди меҳнати аз ҳама паст дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст - 83,58 сомони (26,8$). Ҳаҷми ҳадди аққали музди меҳнат дар як моҳ 3,85 доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Дар минтақаи Шарқу Аврупо ва Осиёи Марказӣ Тоҷикистон яке аз кишварҳои камбизоаттарин боқӣ мемонад. Чуноне ки таҳқиқоти сатҳи зиндагии аҳолӣ (с.2003) нишон медиҳад, дар Тоҷикистон 64% аҳолӣ камбизоат мебошанд. Барои муқоиса ин адад дар Ҷумҳурии Қирғизистон 54% (2001) ва дар Молдова 45% (2003)-ро ташкил додааст[3].

Вазъияти аз ҳад мушкил дар бозори меҳнат мушоҳида карда мешавад. Дар натиҷаи раванди душвори гузариш ба муносибатҳои бозорӣ бозори меҳнат ба таъсири як қатор омилҳо гирифтор шуд. Аз соли 1999 сар карда, сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон дар соли 2003 аз 83% то 64% паст фаромад. Аммо пастшавии камбизоатӣ нобаробар амалӣ мегардад. Дар сатҳи минтақавӣ пастравии камбизоатӣ аз 12% то 26%-ро ташкил додааст. Дар НТМ пастравии босуръати камбизоатӣ ба назар расид (то 26%), Ҳол он ки ин суръат дар дигар ноҳияҳо қариб 2 маротиба сусттар буд, нишондиҳандаи аз ҳама пасттарин бошад дар Душанбе-12%. Аз ҳама бештар нишондиҳандаи камбизоатии ниҳоят паст дар ВМКБ кам гаштааст (то 33%).

Дар нишондиҳандаҳои мутлақ бештари аҳолии камбизоат дар вилояти Суғду Хатлон зиндагонӣ мекунанд, ки 65% аҳолиро фаро мегирад. Ба ин минтақаҳо 72% ҳамаи аҳолии камбизоат ва 75% аҳолии ниҳоят камбизоат рост меоянд. Ин нишондиҳандаҳо зарурати марказонидани саъю кӯшишро оид ба паст кардани камбизоатӣ ба ин 2 вилояти сераҳолӣ таъкид менамояд. Камбизоатӣ дар шаҳр асосан бо мавҷуд набудани ҷойҳои корӣ ва гирифтани музди меҳнат дар иқтисодиёти расмӣ, камбизоатӣ дар деҳот бошад бо фоидаи паст, махсусан дар хоҷагии қишлоқ, ҳамчунин дастрасии нокифоя ба хизматрасонии асосии иҷтимоӣ (таҳсилот, тандурустӣ, таъмин бо об) алоқаманд аст.

Ҳаминро низ қайд кардан зарур аст, ки Тоҷикистон бо суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳои ИДМ ва Осиёи Марказӣ тавсиф карда мешавад. Тайи 10 соли охир ҳаҷми миёнаи оила аз 5,7 то 7,1 нафар афзуд. Нишондиҳандаҳои демографӣ ба сатҳи камбизоатӣ таъсири бевосита мерасонанд. Чунин нишондиҳандаҳо аз қабили хоҷагидорӣ, шумораи кӯдакон, ҷинс ва синну соли аъзои оила ҳангоми арзёбии сатҳи камбизоатӣ лаҳзаҳои муайянкунанда мебошанд. Чунончӣ, дар муқоиса бо

[2] БРСММ. Маърӯза дар бораи рушди инсон.

[3] Бюллетени иттилоотӣ оид ба амнияти озуқа ва камбизоатӣ дар ҶТ. №2/ 2004. Кумитаи давлатии омори ҶТ. Душанбе, 2004, с. 101.

сатҳи миёнаи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ (57%) асосан оилаҳои калон камбизоатанд. Хатари камбизоат шудан дар оилаҳои калон дар муқоиса бо оилаҳое, ки ду ё камтар кӯдак доранд, ду маротиба зиёдтар аст. Афзоиши босуръати аҳолӣ (10% дар 7 соли охир) шарти махсуси маҳдудкунанда барои низоми таҳсилот, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мебошад. Ин низомҳо аз рӯи имконияти худ фаъолият мекунанд. Омили демографӣ низ ба бозори меҳнат таъсири махсус мерасонад, ки дар он аллакай афзалияти тақозо аз болои талабот ба назар мерасад.[4]

Афзоиши демографӣ ва имкониятҳои молиявии маҳдудкунанда дастрасии аҳолиро ба таҳсилот маҳдуд мекунад. Мутобиқи таҳқиқоти камбизоатӣ (2005) 20% оилаҳои камбизоат танҳо 5,5% буҷети худро ба таҳсилот сарф мекунанд ва наметавонанд барои либос, асбобу ашёи мактабӣ, китобҳои дарсӣ маблағ сарф кунанд. Дар натиҷа, давомоти хонандагони мактабҳои миёна дар ҳамаи минтақаҳо кам гашт ва ба ҳисоби миёна дар тамоми ҷумҳурӣ 88% -ро ташкил дод.

Мушкилоти паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо афзоиши давомёфтаистодаи аҳолӣ алоқаманд аст. Аз ин сабаб шумораи хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот барои давраи 1999 то 2007 ба 15,4% афзуд (аз 1464,9 ҳазор то 1690,6 ҳазор хонандагон) Дастрасӣ ба таҳсилот масъалаи асосии сиёсати Тоҷикистон буд ва мемонад. Шумораи миёнаи кӯдакон 4,2[5] кӯдакро ба як оила ташкил медиҳад. То соли 2015 шумораи кӯдаконе, ки ба таҳсилот бояд фаро гирифта шаванд, боз тақрибан ба 850 ҳазор нафар меафзояд, ки талаботи ҳозираро ба хидматрасонии таълимӣ 1,5 маротиба зиёд мегардонад[6]. Масалан, дар соли 2005 28% ҳамаи аҳолии ҷумҳурӣ дар зинаҳои гуногуни муассисаҳои таълимии доимӣ амалкунанда таҳсил мекарданд (Замимаҳои № 1,2,3).

## 1.2 Нақш ва мавқеи таҳсилот дар шароити рушди миллӣ

Таҳсилот на фақат қувваи пешбарандаи рушди ҷомеа, балки нишондиҳандаи асосии дараҷаи рушди он ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти баландсифат барои афзоиши устувори иқтисодӣ аҳамияти калон дорад ва ба пастравии камбизоатӣ ва барҳам додани нобаробарӣ мусоидат мекунад. Ҳамаи ин ворид намудани мушкилоти низоми таҳсилотро ба Стратегияи рушди миллӣ пешбинӣ менамояд.

Мақсадҳои дарозмуддати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат дар Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2015 оварда шудаанд. Барои бадастории тадриҷии мақсадҳои дар назди СМРҶТ гузошташуда дар сатҳи миллӣ амалигардонии якчанд барномаҳои иҷрои мӯҳлаташон миёнаи барномаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст, ки дар он вазифа ва чораҳои сиёсати давлатӣ бо назардошти ҳақиқати ҳаёт муайян гардидаанд.

[4] Ниг. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҶТ барои солҳои 2007-2009.

[5] Барномаи рушди иқтисодии ҶТ барои давраи то соли 2015г., 1 марти соли 2004 тасдиқ гардидааст.
[6] Лоиҳаи БУ оид ба таҷдиди соҳаи маориф, 2003г

Мақсади асосии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҶТ барои солҳои 2007-2009, ки вазифаҳои миёнамӯҳлатро муайян мекунад, ин таъмини афзоиши устувори сатҳи зиндагии аҳолӣ, махсусан аҳолии эҳтиёҷманд тавассути афзоиши иқтидори инсонӣ мебошад. Дар СПСК қайд гардидааст, ки таҳсилот бахши асосӣ барои ба даст овардани мақсадҳои СПСК мебошад. Пешравӣ дар таҳсилот ба дараҷаи муайян натиҷаи ҳамаи саъю кӯшишҳоро оид ба таҳлили идоракунӣ, таъмини афзоиши устувори иқтисодиёт ва инкишофи иқтидори инсонии ҷумҳурӣ муайян мекунад.[7]

Пешниҳод намудани хидматрасонии босифати таълимӣ айни замон бо таъсири як қатор омилҳо мушкил гардидааст, ки ин омилҳо хатарро дар бар мегиранд ва онҳоро ҳангоми банақшагирии раванди таълим ба инобат гирифтан лозим аст. Омилҳо инҳоянд:

а) Суръати баланди афзоиши аҳолӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ. Чунончӣ, синни миёнаи аҳолӣ дар соли 2001 22,8 соларо ташкил дода, 46% аҳолӣ – ин ҷавонони то синни 19[8] сола мебошанд, дар соли 2005 49,6% аҳолиро ҷавонони то синни 19[9] сола ташкил медод. Чунин раванди демографӣ ниёзи зиёдеро дар соҳаи маориф муайян кард, ки онҳоро бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи афзудаистодаи ҷавонон ба хидматрасонии таълимӣ тез бояд ҳал кард.

б) Соҳаи маорифро тарк намудани кадрҳои баландихтисос бо муҳоҷирати давомёфтаистода алоқаманд аст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки гурӯҳҳои аз ҳама намоёни муҳоҷирин мутахассисони соҳаи ғайрисаноатӣ– кормандони соҳаи маориф, илм, фарҳанг, тиб буданд. Онҳо баҳри ба даст овардани маблағ нисбат ба мутахассисони соҳаи муҳандисӣ ва техникӣ 6 маротиба зиёдтар ба дигар кишварҳо мераванд.[10] Таъсири дигари манфии муҳоҷират, ки онҳоро оилаҳои муҳоҷирин тез-тез қайд мекунанд, ин бадтар шудани назорат аз болои фарзандон, мушкилоти бе падар тарбия намудани фарзандон (36,6% пурсидашудагон)[11] мебошад. Вазифаҳои зинда мондани оила мушкилоти таҳсили кӯдаконро ба ҷои дуюм мегузорад: танҳо 30% муҳоҷирин баъди бозгашт ба таҳсилоти фарзандонашон диққати махсус медиҳанд ва барои таҳсили онҳо пул сарф мекунанд.

в) Сатҳи нокифояи маблағгузорӣ. Ҳаҷми хароҷоти давлат ба соҳаи маориф дар соли 2008 4,5%-ро дар ММД ё 15,8 % аз буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф ташкил дод. Ҳисоббаробаркуниҳо нишон медиҳанд, ки бо назардошти омилҳои демографӣ барои қонеъгардонии минималии талабот барои таъмин ва рушди соҳаи маорифи Тоҷикистон сатҳи ҳиссаи хароҷот ба соҳаи маорифро дар ММД то 6% расонидан лозим аст, ҳол он ки сатҳи ҳақиқии хароҷот ба

---

[7] Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҶТ барои солҳои 2007-2009. Қисми Таҳсилот. 1.1.
[8] Кумитаи давлатии омори ҶТ –б.2001, саҳ.65-66.
[9] Тоҷикистон: 15-соли истиқлолияти давлатӣ, Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе – 2006.
[10] Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон, июл 2003. СУМ дар ҳамкорӣ бо Маркази илмӣ-тадқиқотии «Шарқ», саҳ 30.
[11] Ҳамон ҷо, саҳ.101.

соҳаи маориф барои давраи аз 2000 то 2008 танҳо аз 2,3% то 4,5% мутаносибан зиёд шуд (нигаред замимаи № 11).

г)Шароити бади таълим. Айни замон шароит таълим дар Тоҷикистон, аз он ҷумла, аҳволи иморатҳои мактаб, иншоотҳо, барномаҳои омӯзишӣ, тахассуси муаллимон ва сифати китобҳои дарсӣ, ба чораҳои андешида нигоҳ накарда, ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд. Қисмати калони инфраструктураи мактаб, таҷҳизоти асосӣ ва маводҳо дар шароити ғайриқаноатбахш ҳамчун натиҷаи хидматрасонии пасти техникӣ ва маблағгузории нокифоя қарор доранд. Аз сабаби норасойи ҷойҳои нишаст дар ноҳияҳо ва вилоятҳо зарурияти ҷойгир намудани мактабҳо дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ба миён омад, ки шароити муайян барои таҳсилро надоранд. Илова бар ин, дар зинаи ҳозираи рушди ҷомеа, дар шароити талаботи бесозишкории бозори меҳнат, афзоиши бекорӣ, вазъияти иҷтимоӣ ва имконияти маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолӣ таҳсилоти касбии ибтидоӣ, миёна ва олӣ яке аз омилҳои афзалиятноки пастшавии сатҳи камбизоатӣ мегарданд. Дар шароити ба қисмҳо ҷудошавии аҳолӣ, пастравии босуръати марзӣ ва дастрасӣ ба таҳсилоти олии касбии аҳолии камбизоат моҳияти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна касбӣ ҳамчунин таълим меафзояд.

д)Муносибатҳои кӯҳнашудаи ҳалли масъалаҳои идоракунӣ ва банақшагирии таълим. Соҳаи маориф дар Тоҷикистон бо имконияти сусти банақшагирӣ ва идоракунӣ дар ҳамаи сатҳи ҳокимият фарқ мекунад. Айни замон соҳаи маориф бо се мушкилоти асосӣ рӯ ба рӯ гардидааст: набудани раванди ягонаи қабули қарор; имкониятҳои маҳдуд дар соҳаи кор карда баромадани чораҳои сиёсӣ ва идоракунӣ; низоми баҳодиҳии системаи баҳои таълим ва самаранокии кори муассисаҳои таълимӣ.

Таъсири манфии ин омилҳо ба бадшавии чунин нишондиҳандаҳо аз қабили дастрасӣ, сифат дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот оварда расонд, ки дар навбати худ ба пастравии умумии шумораи хонандагон, давомот ва фоизнокии баланди онҳое, ки мактабро тарк карданд, оварда расонд. Тоҷикистон ба гурӯҳи он кишварҳои каме дохил аст, ки бештари занон ва мардони аз 20 то 30-сола нисбат ба аҳолии то чилсола сатҳи нисбатан пасти таҳсилот доранд. Сабаби асосии паст рафтани миқдори хонандагон ин камбизоатӣ аст. Фарқияти гендерӣ дар таълимот дар дараҷаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бештар назаррас мебошад (синфҳои 10-11). Нишондиҳандаҳои ҳақиқии давомоти хонандагон нисбат ба маълумоти расмӣ паст мебошанд. Дар назди соҳаи маориф вазифаҳои нав истодааст, ба монанди нигоҳ доштани мутобиқати фарҳангӣ ва этникии аҳолӣ, ҳавасмандгардонии ҷомеаи демократӣ, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ рақобатнок мебошанд, ҳамчунин пурзӯр намудани амнияти миллӣ.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гурӯҳи СММ оид ба арзёбии талаботи ҲРҲ дурнамои афзоиши иқтисодии мамлакат то соли 2015 тасдиқ гардид; афзоиши солонаи ММД ҳадди ақал 5%-ро ташкил хоҳад дод.

Ҳангоми суръати миёнаи афзоиш, вақте ки афзоиши миёнаи солона дар сатҳи 5 % пешбинӣ гардидааст, ММД ҳақиқӣ ба ҳар сари аҳолӣ то соли 2015 361 доллари амрикоиро ташкил хохад дод. Аммо барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, суръати афзоиши иқтисодӣ бояд баланд бошад. Ҳангоми суръати баланди афзоиш вақте ки аз соли 2007 ва баъдан суръати миёнаи солонаи ММД дар сатҳи 7% пешбинӣ шудааст, ММД барои ҳар сари аҳолӣ то соли 2015 ба 442 доллари амрикоӣ хоҳад расид.[12]

Дар Ҳисобот доир ба ҲРҲ қайд гардидааст, ки Тоҷикистон бояд барои таҳсилот бештар маблағ сарф кунад. Дар Ҳуҷҷати мазкур 4 роҳи ба даст овардани ҲРҲ дар таҳсилоти умумии миёна оварда шудааст.[13] Вазифаҳои асосии соҳаи таҳсилот бо назардошти гуфтаҳои боло, ҳамчунин афзалиятҳои СРМҶТ ва мақсадҳои СПСК чунин масъалаҳоро дар бар мегиранд:

1. Беҳтар намудани низоми идоракунӣ дар таҳсилот
2. Баланд бардоштани самаранокии низоми истифодаи захираҳои мавҷуда
3. Беҳтар намудани таъмини методӣ ва кадрии низоми таҳсилот
4. Васеъ намудани дастрасии духтарон ва писарон, кӯдакон аз оилаҳои эҳтиёҷманд ба таҳсилот
5. Пурзӯр намудани пояи моддӣ-техникии бахши таҳсилот.

### 1.3. Таҳлили мушкилот

Як қатор мушкилиҳои аниқ, ки ба соҳаи маориф дар Тоҷикистон таъсир мерасонанд, вуҷуд доранд, ки онҳоро ҳангоми тайёр намудани сиёсат ва Стратегияи рушди системаи маориф ба назар гирифтан лозим аст. Мушкилиҳо чунинанд:

#### 1.3.1. Идоракунии соҳаи маориф

Идоракунии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон характери давлатӣ-иҷтимоӣ дорад ва мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад. Ваколат ва салоҳияти Вазорати маориф, дигар муассисот ва созмонҳо, ки дар соҳаи маориф кор мекунанд, мақомоти маҳаллии идораи маориф дар банди 3 (моддаи 27-37) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аниқ нишон дода шудааст.

Имрӯз дар системаи идоракунии соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ, ки аз системаи марказонидашуда ва банақшагирандаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мерос мондааст, хеле кам ислоҳот гузаронида шудааст. Дар ҳақиқат, аз сабаби норасоии захираҳо бартарияти соҳаи маорифи кӯҳна аз даст рафт. Дар Тоҷикистон то ҳол дар идоракунии соҳаи маориф давлат дар шароити

[12] Ҳисоботи пурра оид ба ҲРҲ, май 2005., саҳ.14
[13] Ҳисоботи пурра оид ба ҲРҲ, май 2005 г., саҳ.91

ҳукмфармо қарор дорад. Иштироки сохтори ғайридавлатӣ дар соҳаи маориф ниҳоят кам аст.

Вазифаҳои мақомоти идораи соҳаи маориф дар қонунгузории амалкунанда муфассал муайян карда нашудаанд, ки дар ҳалли қарорҳо ба такрорёбӣ ва тақсимоти масъулият оварда расонд. Қонунгузорӣ нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ, бенефисиарҳо, истифодабарандагони соҳаи маорифро пурра муайян намекунад. Иштироки ҷомеаро дар идоракунии соҳаи маориф ва рафти кори маориф баҳри паси сар намудани мушкилоти ҷалби пасти таълим, давомот ва нигоҳдории хонандагон то хатм намудани ҳамаи зинаҳои таҳсилот зарур аст.

Барҳам додани марказият (десентрализатсия) бояд яке аз методҳои асосии идоракунии соҳаи маориф ва ҷудо намудани маблағҳо гардад, барои ин бояд базаи мувофиқи меъёрии ҳуқуқӣ, механизми ҳисобот ва назорат таъсис дода шавад.

Ҳамчунин масъалаи соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти муассисаҳои таълимӣ дар масъалаи идоракунии корҳояшон муҳим ба ҳисоб меравад. Айни замон қариб ҳамаи вазифаҳои амалиётӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ниҳоят мутаммарказонида мебошанд, ки ба такроршавии вазифа ва ноқобил будани муассисаҳои таълимӣ барои ба дасти худ гирифтани ташаббус ва масъулият оварда мерасонад. Ҳамчунин зарурати таъмини алоқаи боз ҳам бештар байни таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбӣ зарур аст. Барои додани мустақилияти бештар ба муассисаҳои таълимӣ, махсусан дар масъалаи мустақилияти молиявӣ, тайёр намудани меъёр ва қоидаҳо кор карда баромадан ва дар баробари ин қонунҳое, ки имкон медиҳанд дар сатҳи маҳаллӣ ва муассисаҳои таълимӣ захираҳои иловагии маблағгузорӣ ҷалб карда шаванд, қабул кардан зарур аст.

Идоракунии бомуваффақияти соҳаи маориф ба дараҷаи муайян аз мавҷуд будан ва истифодаи маълумоти мувофиқ, муосир ва эътимоднок вобаста аст. Иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои идоракунӣ бе системаҳои иттилоотии муосир ва устувор амалкунанда имконнопазир аст. Аз рӯи арзёбии экспертҳои байналмилалӣ (БРО, БУ) пояи иттилоотии низоми таълимотии Тоҷикистон суст аст, имкониятҳои вазорат оид ба идоракунии иттилоотии соҳаи маориф ба маблағгузории зиёд мӯҳтоҷ аст.

Ба аз нав баррасии идоракунии системаи маориф дар чараёни ҷорӣ намудани ислоҳот то айни замон кам диққат дода шудааст. Аммо чунин ислоҳот ҳамчунин барои амалигардонии мақсадҳои стратегӣ низ зарур аст, агар зарурати иҷро намудани ин мақсадҳои аниқ оид ба сифат ва дастрасӣ ба маълумот зарур бошад.

### 1.3.2. Дастрасӣ ва баробарӣ дар системаи маориф

Дастрасӣ ба таҳсилот масъалаи асосии сиёсати Тоҷикистон буд ва мемонад. Шумораи миёнаи кӯдакон 4,2 кӯдак ба як оиларо ташкил медиҳад.[14] То соли 2015 шумораи кӯдакони синни мактабӣ тақрибан ба 850 ҳазор нафар

[14] Барномаи рушди иқтисодӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2015., ки марти соли 2004 тасдиқ гардидааст.

зиёд мегардад, ки аз талаботи ҳозира ба таҳсилот қариб 1,5 маротиба зиёд аст.[15] Дар давоми даҳ соли охир системаи маориф ва таълимоти касбӣ бо мамониатҳои зиёд дучор омада, нишондиҳандаҳои асосии он хеле бад гардиданд. Пастравии давомот, нобаробарии гендерии паҳнгардидаистода, мамониатҳои афзудаистода дар масъалаи гирифтани маълумоти умумии асосӣ – ҳамаи ин нишондиҳандаҳои тадриҷан бадшавии дастрасӣ ба хидматрасонии таълим барои қисмати асосии аҳолӣ мебошад.

*Таҳсилоти томактабӣ*

Таи даҳ соли охир шумораи муассисаҳои томактабӣ хеле кам гардидааст, ки ба камшавии фоизнокии фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ оварда расонд. Ин камшавӣ махсусан дар деҳот, ки дар он ҷо беш аз 73 % аҳолӣ зиндагонӣ мекунанд, бештар ба назар мерасад. Сабаби асосии бадшавии вазъият дар таҳсилоти томактабӣ – ин ихтисори баланди пулҷудокунии давлатӣ аз буҷети маҳаллӣ барои нигоҳдории муассисаҳои томактабӣ мебошад. Маданияти тарбияи босифати томактабӣ низ дар сатҳи оила ва ҷомеа вуҷуд надорад, чунки тарбияи томактабӣ ҳама вақт ҳамчун вазифаи соф давлатӣ шуморида мешуд. *Таҳлили в*азъияти ҷорӣ нишон медиҳад, ки дар соли хониши 2007-2008[16] дар ҷумҳурӣ 489 муассисаҳои таълимии томактабӣ амал мекунанд, ки дар онҳо 60851 кӯдак таълим мегиранд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2006 0,65% камтар аст (61200) , ки 7% аз ҳисоби умумии кӯдакони ҷумҳуриро ташкил медиҳад (аз 1 то 6 сола). Ин нишондиҳандаро бо соли 2004 муқоиса кардан зарур аст, ки 6% -ро ташкил дода буд. Гарчанде афзоиш ёфта истода бошад ҳам, рақамҳо ногуворанд.

Ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ фарогирии МТТ 87% -ро ташкил медиҳад. Дар соли 2005 дар низоми таҳсилоти томактабӣ (муассисаҳои идориро ба назар нагирифта) 3740, дар соли 2006-3876, соли 2007–3770 мураббия кор мекарданд. Дар муассисаҳои томактабӣ норасоии кадрҳои педагогии ихтисосманд, маводҳои таълимӣ-барномавӣ, дидактикӣ, таҷҳизоти махсус, бозичаҳо, хидматрасонии тиббӣ ба назар мерасад. Тоҷикистон бояд пешниҳод намудани хидматрасониро бо роҳи таъсиси намудҳои камхарҷи муассисаҳои томактабӣ васеъ гардонад. Мутаносибияти кӯдак/мураббӣ дар солҳои 2005, 2006, 2007–13.9:1; 13.2:1; 13.5:1–ро ташкид дод. Чӣ тавре ки таҳқиқоти эҳтиёҷоти кӯдакон ва модарон, ки аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ гузаронида шуда буданд, нишон медиҳанд, бештари падару модарон дар муайян намудани эҳтиёҷоти кӯдакони хурдсол донишҳои маҳдуд нишон доданд. Аз ин рӯ, маърифатнокии падару модарон оид ба тарбияи кӯдак вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки хароҷот барои нигоҳ доштани як кӯдак, аз он ҷумла муассисаҳои тобеъ барои як сол аз ҳисоби буҷети давлат дар соли 2006–224 сомонӣ, 2007–250 сомониро ташкил дод. Ҳиссаи буҷет ба

[15] Лоиҳаи БУ оид ба муосиркунонии низоми таҳсилот, 2003.
[16] Дар ин ҷо ва баъдан омори расмии ҶТ барои солҳои хониши 2007-2008 истифода бурда мешавад.

таҳсилоти томактабӣ дар ММД дар солҳои 2006-2007 - 0,15% ва 0,16%-ро мутаносибан ташкил дод. Ҳиссаи буҷет ба таҳсилоти томактабӣ дар буҷети давлатии ҶТ барои солҳои 2006-2007-0,83% ва 0,78%-ро ташкил дод. Ҳиссаи буҷет ба таҳсилоти томактабӣ дар буҷети умумии бахши таҳсилот барои солҳои 2006-2007-4.31 ва 3.55%-ро ташкил дод, ки барои таъмини як кӯдак бо хӯрок, барои нигоҳдории ҳолати санитарию-гигиенӣ ва иморату иншоотҳои муассисаҳои томактабӣ, харидани маводҳои методӣ ва айёнӣ нокифоя мебошад.

Дар ҷумҳурӣ шумораи кӯдакони синни томактабӣ беш аз 1 миллион нафарро ташкил медиҳад. Дар соли 2004 ҷалби кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ наздики 6%-ро ташкил дод. Ба муассисаҳои томактабӣ омадани кӯдакон, махсусан аз оилаҳои камбизоат аз сабаби он ки падару модарони онҳо барои пардохт намудани таҳсили онҳо маблағи кофӣ надоранд, яку якбора кам шуд. Ҳамаи мушкилоти дар боло зикргардида ба сатҳи омодагии кӯдакон ба мактаби ибтидоӣ таъсир мерасонад.

*Таҳсилоти миёнаи умумӣ*

Тоҷикистон аз дигар кишварҳои Осиёи марказӣ бо суръати табии афзоиши аҳолӣ фарқ мекунад. Тайи даҳ соли охир ҳаҷми миёнаи оила аз 5,7 то 7,1 нафар расид. Шумораи миёнаи кӯдакон 4,2 кӯдакро ба як оила ташкил медиҳад[17]. То соли 2015 шумораи кӯдаконе, ки ба онҳо таҳсилоти мактабӣ лозим меояд боз тақрибан ба 850 ҳазор нафар зиёд мегардад, ки такрибан якуним маротиба аз талаботи имрӯза ба хидматрасонии таълимотӣ зиёд аст[18].

Айни замон (солҳои хониши 2007-2008) дар ҷумҳурӣ 3810 мактаб мавҷуд аст,ки дар онҳо 99354 нафар муаллимон кор мекунанд, ки аз онҳо 62% маълумоти олӣ дошта, 7028 нафари онҳо маълумоти касбӣ надоранд. Дар баробари ин 6856 ҷой холӣ аст.

Дар соли 2007 662 мактабҳои ибтидоӣ фаъолият мекарданд. Дар соли 2005 ин нишондиҳанда то 1 адад ва дар соли 2006 то 8 адад камтар шуд. Вазъият оид ба мактабҳои базавӣ низ чунин аст: дар 2 соли охир шумораи мактабҳои базавӣ то 46 адад кам шуд. Миқдори умумӣ 787 ададро ташкил дод. Дар мактабҳои миёна бошад, шумораи онҳо нисбат ба соли 2005 (2289) адад зиёд гаштааст, ки аз афзоиши шумораи мактабҳои миёна то 2,4% (2344) шаҳодат медиҳад. Миқдори кӯдакони ба таҳсилоти ибтидоӣ фаро гирифташуда дар соли 2007-35430 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2006 3,5% камтар ва нисбат ба соли 2005-0,9% зиёдтар аст. Вазъият доир ба фарогирии кӯдакон ба мактабҳои базавӣ ба монанди мактаби ибтидоист. Дар соли 2007 миқдори кӯдакони ба таҳсилоти базавӣ фаро гирифташуда 151903 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2005 8,2% камтар аст (165501). Аз соли 2005 сар карда тамоюли баробари солонаи афзоиши кӯдакон ба таҳсилоти

[17] Барномаи Рушди иқтисодии ҶТ барои давраи то соли 2015., ки 1 марти соли 2004 тасдиқ гардидааст.
[18] Лоиҳаи БУ оид ба азнавкунии системаи маориф, соли 2003.

миёна ба 1,2% ва 1% ба назар мерасад ва дар соли 2007 – 1501517 кӯдакро ташкил дод.

Дар ҷумҳурӣ қариб ҳамаи кӯдакон (7-10 сола) ба таҳсилоти ибтидоӣ фаро гирифта шудаанд. Ба таҳсилоти базавӣ ҳамагӣ 6,7% (аз онҳо 10,6% духтарон) фаро гирифта нашудаанд, ба таҳсилоти миёна ҳамагӣ 49% (аз онҳо 56,7% духтарон) аз ҳисоби умумии аҳолӣ (ки ба синну соли синфҳои 10-11 мувофиқ меоянд) фаро гирифта нашудаанд. Ба ҳисоби умумӣ дар ҷумҳурӣ таносуби хонанда/муаллим дар соли 2007 – 17,1%-ро ташкил дод. Афзоиши шумораи хонандагон (фоизнокии миёнаи афзоиш) ташкил дод: дар соли 2006 – 1,2% ва дар соли 2007 1,1%. Шумораи умумии хонандагон дар таҳсилоти миёна аз рӯи ҳамаи намуди муассисаҳои таълимӣ : 2006 – 1711.6 ва 2007 – 1692.1 ҳазор нафар. Хароҷот барои як хонанда дар соли 2006 – 137,7% ва соли 2007 – 200.9 сомонӣ. Ҳиссаи буҷет ба таҳсилоти миёна дар ММД дар соли 2006 – 2,54%, дар соли 2007 – 3.56%-ро ташкил дод. Афзоиши на он қадар зиёд ба назар мерасад. Ҳиссаи буҷет ба таҳсилоти миёна дар буҷети давлатии ҶТ дар соли 2006 – 14.34% ва дар соли 2007 – 17.49% -ро ташкил дод. Ҳиссаи буҷет барои таҳсилоти дар буҷети умумии бахши таҳсилот дар соли 2006 – 74.16% ва дар соли 2007 – 79.3%-ро ташкил дод.

Қайд кардан бамаврид аст, ки айни замон (2008) (соли 2009-ро нишон додан зарур аст) дар ҷумҳурӣ мушкилоти аз хонаҳои шахсӣ ва вагонҳо баровардани мактабҳо вуҷуд дорад: 136 мактаб бо 656 синфхона ва 15744 ҷойи нишаст дар хонаҳои шахсӣ, 101 мактаб бо 544 синфхона ва 13693 ҷойи нишаст дар вагонхонаҳо, 284 мактаб бо 2018 синфхона ва 49405 ҷойи нишаст дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 208 мактаб ба таъмири асосӣ ниёз дошта ва 75 мактаби сохтмонаш нотамом бо 40808 ҷойи нишаст.

Мактабҳои деҳот аз омилҳои миллӣ дида ба омилҳои ноҳиявӣ (маҳаллӣ) бештар вобастагӣ доранд ва ба имкониятҳои иқтисодии вилоят/ноҳия умед мебандад. Ин тамоюл чӣ тарафҳои мусбӣ ва чӣ тарафҳои манфӣ дорад, чунки вазъият дар вилоятҳо ва ноҳияҳои гуногун аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд, махсусан аз рӯи имкониятҳои иқтисодӣ ва сатҳи камбизоатии аҳолӣ. Аз ин рӯ, барои ҳалли ин масъалаҳо дар маҳал стратегияи ноҳиявӣ (минтақавӣ) лозим аст. Мувофиқи ҳисоботи арзёбии талаботи Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола миқдори хонандагони системаи таҳсилоти умумии миёна тақрибан барои давраи 2005 то 2015 ба 40% меафзояд.

Вобаста ба ин метавон мушкилоти зерини асосиро қайд намуд: дастрасии нобаробар ба системаи таҳсилот дар деҳот, норасоӣ ва сифати пасти захираҳои инсонӣ, шароити бади таълим дар мактабҳо, норасоии таҷҳизот, зарурати реструктуризатсияи муассисаҳои махсуси таҳсилоти умумӣ, ҳалли мушкилот бо инфраструктураи муассисаҳои томактабӣ ва ғайра.

Ҳамзамон мушкилоти пастшавии сатҳи давомот ва фарогирӣ ба таҳсил низ вуҷуд дорад. Сатҳи давомот (нишондиҳандаи умумии фарогирӣ ба таҳсилоти мактабӣ) ҳама вақт дастрасӣ ба системаи мактаб ва сифати хидматрасонии таълимиро инъикос менамояд. Таҳқиқоти сатҳи зиндагонӣ дар

Тоҷикистон (ТСЗТ) барои соли 2003 нишон медиҳад, ки давомот дар сатҳи мактабҳои миёна 88% ташкил медиҳад. Фарогирии кӯдакон ба таълим бо сабабҳои гуногун тамоюли афзоишёбанда дар байни аҳолӣ ба шумор меравад. Аммо маълумоти арзёбии камбизоатӣ нишон дод, ки дар соли 2003 дар шаҳру деҳот нишондиҳандаи ба таҳсил фаро нагирифтани писарони синфи 4 то 6% афзуд, духтарон то 18% дар муқоиса бо 4% ва 7% мутаносибан писарон ва духтарон дар деҳот[19]. Чӣ тавре ки таҳқиқот нишон медиҳад, фарқи гендерӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои иштирок дар дарсҳо васеъ гардидааст ва соли 2003 дар деҳот шумораи духтарони мактабро таркнамуда аз шумораи писарон ду маротиба зиёд буда, дар шаҳрҳо бошад, ин нишондиҳанда се маротиба зиёд гардидааст[20]. Нобаробарии гендерӣ махсусан дар зинаҳои болоии мактабҳои миёна ба назар мерасад, ки иштироки духтарон ба дарсҳо аз 49% дар соли 1991 то 38% дар соли 2001 паст шудааст. Вазъияти ба ҳамин монанд дар таҳсилоти олӣ низ ба назар мерасад (нигаред. Замимаи 1, 3).

Як қатор омилҳое мавҷуданд, ки дар маҷмӯъ ба пастравии давомот, махсусан дар байни духтарон оварда мерасонад. Яке аз сабабҳои асосӣ зиёдшавии миқдори оилаҳои камбизоат мебошад, ки аз ин сабаб оилаҳо имконияти харидани либос, пойафзол, китобҳои дарсӣ ва ғайраро надоранд. Бадшавии яку якбораи ҳолати ҷисмонии мактабҳо, ки дар онҳо маркази гармдиҳӣ, мебели мактабӣ ва қувваи барқ вуҷуд надоранд, омилҳое ба ҳисоб мераванд, ки барои рафтани кӯдакон ба мактаб мамониат мегарданд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд. ки набудани гармӣ дар давраи зимистон ба иштироки кӯдакон ба дарсҳо сахт таъсир мерасонад. Чӣ тавре ки дар ҲПСК қайд гардидааст дар 1845 мактаб (қариб 56% ҳамаи муассисаҳои мактабии ҷумҳурӣ) системаи гармдиҳӣ вуҷуд надорад. Барои ноҳияи кӯҳӣ, деҳот мушкилоти асосӣ ин кӯдаконро то ба мактаб расонидан мебошад. То соли 1991 қариб дар ҳамаи ноҳияҳо аз тарафи ҳукумати маҳаллӣ барои расонидани кӯдакон ба мактаб наклиёт ҷудо карда мешуд.

Бо вуҷуди ин, барои ба даст овардани тасаввуроти пурраи иштирок накардани кӯдакон ба дарсҳо зарурати гузаронидани таҳқикоти ҳаматарафа лозим аст.

### *Таҳсилоти махсус*

Дар давраи муосир мушкилоти зиёди кӯдакони эҳтиёҷоти махсус дошта муҳим гаштаанд. Дар баробари ин тағйирёбии сифатӣ ва миқдории категорияҳои кӯдакон ба назар мерасад, ки зери мафҳуми «кӯдаконе, ки дар инкишоф мушкилот доранд» муттаҳид гардидаанд. Ба замми зиёдшавии миқдори вайроншавии инкишофи кӯдак, ин вайроншавиҳо ҳарчӣ бештар ба инкишофи ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдак таъсир мерасонад ва дар кӯдакон вайроншавии рафтор ва шахсияти кӯдак дида мешавад.

[19] Арзёбии азнавшудаи камбизоатӣ, БУ, соли 2004.
[20] МРҲ, соли 2005.

Айни замон дар сатҳи давлатӣ системаи расонидани кӯмак ба кӯдакони дар инкишоф ақибмонда дар доираи се вазорат амалӣ мегардад: Вазорати маориф, Вазорати тандурустӣ ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи аҳолӣ. Солҳои охир созмонҳои ҷамъиятӣ, хайриявӣ ва падару модарон низ кӯмаки худро мерасонанд.

Айни замон дар ҷумҳурӣ хадамоте, ки фаъолияти идораҳои гуногунро, ки ба мушкилоти имконияти маҳдуддошта, ё бо талаботи махсус машғуланд муттаҳид ё ҳамоҳанг намояд, вуҷуд надорад. Омории идории вазоратҳои тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф маълумотро дар бораи кӯдакон аз рӯи гурӯҳҳои синнусолӣ, дар бораи сабаб ва намудҳои беморӣ, ки ба маъюбӣ оварда расонидааст, ҳамчунин дар бораи маблағгузории муассисаҳои махсус барои кӯдакони маъюб ба таври пурра инъикос наменамояд. Маълумот дар бораи кӯдакони маъюб дар оилаҳо низ нопурра мебошанд, чунки дар мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ танҳо он кӯдаконе ба қайд гирифта шудаанд, ки падару модарони онҳо аз рӯи маъюбии кӯдак кӯмакпулӣ мегиранд.

Шумораи муассисаҳои томактабии махсус дар солҳои охир кам гашта, ҳайати он бошад зиёд гардидааст. Кӯдакон дар онҳо аз рӯи нозологияи нуқсон бо нуқсони шунавоӣ, биниш, нутқ, иллати узви такягоҳу ҳаракат (ин намуди нуқсонҳо дар ҷумҳурӣ бештар васеъ паҳн гардидаанд) ҷудо карда шудаанд. Норасоии ҷиддии мутахассисон – иллатшиносон ба назар мерасад.

Кормандони педагогии муассисаҳои махсус курсҳои баландбардории ихтисосро гузаранд ҳам, аммо самаранокии ин курсҳо ниҳоят паст аст, чунки муаллимони дар ин курсҳо дарс медода худашон имкони баланд бардоштани ихтисоси худро надошта буданд.

Барномаҳи таълимӣ, маводҳои методӣ ва айёнӣ аллакай кӯҳна шудаанд, онҳо ба забони модарӣ умуман ба табъ нарасидаанд.

Базаи моддию техникии муассисаҳои махсус суст аст, бештари ин муассисаҳо бояд аз таъмири пурра гузаранд, мутахассисон аз сабаби паст будани музди меҳнат. Барои муассисаҳои таълимии махсус (муассисаҳои томактабӣ, мактаб-интернатҳо) омодагии мутахассисон дар шӯъбаи «Иллатшиносӣ» (илми таълиму тарбияи кӯдакони иллатдор) факултаи «Педагогика ва психология»-и Донишгоҳҳои давлатии Тоҷикистон амалӣ мегардад, ки дар он донишандӯзии кадрҳои педагогӣ паст аст. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикиистон аз рӯи ихтисосҳои «Сурдопедагогика», «Тифлопедагогика», «Олигофринопедагогика» мутахассисон тайёр карда намешаванд.

Дар солҳои 2006-2007 шумораи умумии муассисаҳои махсуси амалкунанда 42 ададро ташкил дод, дар солҳои 2007-2008 ин адад ба 50 расида буд. Дар давоми соли 2007 ҳашт муассисаҳои махсуси зикргардида маҳкам карда шуданд. Шумораи кӯдакони  мактабҳои махсус дар солҳои 2006-2007- 10222 ва дар солҳои 2007-2008 - 8950 нафарро ташкил додаст. Камшавии шумораи кӯдакони муассисаҳои махсус-1272 нафар ё 12% -ро ташкил дод. Дар

соли 2007 миқдори омӯзгорони дар муассисаҳои зикргардида кор мекарда ба 939 нафар баробар аст. Таносуби омӯзгор/хонанда дар соли 2007 9.5:1-ро ташкил дод.

*Таҳсилоти иловагӣ*

Зинаи дигари муҳими таҳсилотро дар системаи таҳсилоти Тоҷикистон, ки ба принсипи ягонагӣ ва робитаҳои зичи таҳсилот бо анъанаҳои миллию фарҳангии мардуми тоҷик ва дигар миллатҳои ҷумҳурӣ асос ёфтааст, қайд кардан зарур аст, ки ин ҳам бошад – таҳсилоти иловагӣ мебошад. Мақсади асосии таҳсилоти иловагӣ ин тарбия ва васеъгардонии ҷаҳонбинӣ ба ҷаҳони иҳотакарда, дарки дигар илмҳо ва касбҳо, мусоидат дар интихоби онҳо дар оянда мебошад. Ин мақсад дар инкишофи кӯдак ва гирифтани маълумоти иловагӣ нақши муҳим мебозад. Аммо барои ба ин мақсад ноил гаштан як қатор сабабҳо вуҷуд доранд, аз он ҷумла дар муассисаҳои таълимӣ набудани таҷҳизоти махсуси мактабӣ барои хонандагон ва маводҳои методӣ барои омӯзгорон, музди пасти меҳнат, ки ба ҳисоби миёна дар як соат ба 1 сомонию 48 дирам баробар аст.

Дар соли 2007 дар ҷумҳурӣ 72 Марказ оид ба тарбияи беруназмактабӣ фаъолият мекард. Шумораи хонандагоне, ки дар чунин марказҳо дарс меомӯзанд, 25559 нафарро ташкил дод. Шумораи омӯзгорон дар ин марказҳо 865-нафар буд. Таносуби хонанда+/омӯзгор 29,5:1. Шумораи умумии маҳфилҳо оид ба равияҳои гуногун – 842. Шумораи гурӯҳҳо (шумораи миёнаи хонандагон дар онҳо 10-12 нафар) 1862 ададро ташкил дод. Сарбории ҳақиқии омӯзгорӣ барои як гурӯҳ дар як ҳафта 4 соатро ташкил медиҳад.

*Таҳсилоти ибтидоии касбӣ*

Мундариҷаи таҳсилот яке аз ҷузъҳои асосии инкишофи низом ба ҳисоб меравад, ки аз он бевосита маҳсули низом–сатҳи малакаи касбӣ ва маҳорати хатмкунандагони онҳо мувофиқатии онҳо бо талаботи сифатии бозори меҳнат вобаста аст. Мундариҷаи таҳсилот, ки дар барнома ва нақшаҳои таълимӣ инъикос меёбанд, бояд курсҳои таълимии самаранок ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранокро дар бар гиранд, ки наздикшавии натиҷаҳои раванди таълимиро ба талаботи бозори меҳнат, эҳтимол, таъмин намоянд. Дар шароити маҳдудияти имкониятҳои иқтисодии ҷумҳурӣ дар зинаи ҷории инкишофи он таъмини самаранокии иқтисодӣ ва баландбардории сифати раванди таълимӣ низ яке аз вазифаҳои асосии ислоҳоти низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, бозори меҳнат дар ҷумҳурӣ сифатан тағйир ёфт, оҳиста-оҳиста бахши хусусӣ инкишоф меёбад, ҳавасмандии корфармоён ба тавсифи касбии кадрҳо ташаккул меёбад.

Дар ҷумҳурӣ 68 (соли 2008) муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ амал мекунанд, ки дар онҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 20912 хонандагон/донишҷӯён таҳсил менамоянд. Ҳиссаи хонандагони аз рӯи

шартнома таҳсилкунанда дар соли 2007 11%-ро ташкил дод. Таносуби хонанда/ҳайати омӯзгорон + устодон 9/1 аст. Таносуби хонанда/ҳайати маъмурӣ – 130/1 –ро ташкил медиҳад. Хароҷот ба як хонанда дар ММД дар соли 2006 - 396,4 ва дар соли 2007 – 508,4 сомониро ташкил дод. Ҳиссаи буҷет барои таҳсилоти миёна дар ММД дар соли 2006 ба 0,1%, дар соли 2007 ба 0,11% баробар буд. Ҳиссаи буҷет барои таҳсилоти миёна дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 - 0,57% ва дар соли 2007 0,55%-ро ташкил дод. Ҳиссаи буҷет барои таҳсилоти миёнаи бахши таҳсилот дар соли 2006- 2,93% ва дар соли 2007 - 2,48%-ро ташкил дод. Норасоии ҷиддӣ ва сатҳи пасти тахассусии омӯзгорон ва устодони таълими истеҳсолӣ ба назар мерасад. Музди меҳнати кормандони педагогӣ ва роҳбарони муассисаҳои мазкур ба музди меҳнати омӯзгорон ва роҳбарони муасисаҳои таҳсилоти умумӣ баробар карда шуд. Сарбории якҳафтаинаи меъёрӣ барои як миқдори маош ба 18 соат баробар карда шуд. Ҳамчунин норасоии адабиёти методӣ-таълимӣ ва таҷҳизот, номувофиқатии ихтисос ба бозори меҳнат ба назар мерасад.

Мундариҷаи ҳозираи таҳсилот тайи 20 соли охир қариб тағйир наёфтааст ва ба шароити муносибати бозоргонӣ мутобиқ нашудааст. Он аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрисамаранок буда, нисбати талаботи бозори меҳнат аз ҳад зиёд вазнин ва тағйирпазир аст. Механизми амалкунандаи ташкили раванди таълимӣ бо ғайрисамаранокии худ, мавҷуд надоштани фишанги идора ва назорат тавсиф меёбад.

Вобаста ба ин, мундариҷаи таҳсилот ва ташкили раванди таълимӣ бояд аз нуқтаи назари баландбардории самаранокии иқтисодии он, таъмини тағйирпазирӣ ва ба қадри имкон наздикшавӣ ба талаботи сифатии бозори меҳнат бо назардошти имкониятҳои иқтисодии ҷумҳурӣ аз нав дида шавад.

*Таҳсилоти миёнаи касбӣ*

Бе стратегияи илман таҳиягардида ва собитшуда таъсис додани шароит барои инкишофи механизмҳои бозории соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ имконнопазир аст Фарқи байни талаботи бозори меҳнат ва сифати хидматрасонии таълимӣ зиёд мегардад, принсипи имкониятҳои баробар ва дастрасии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастрасӣ ва таҳсилоти босифат амалӣ нахоҳад гашт. Ҳангоми набудани чунин стратегия, ки яке аз воситаҳои муҳимтарини сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад, зиддиятҳо бартараф намешаванд ва вазифаҳои дар назди маориф истода ҳалли худро намеёбанд. Мушкилоте, ки ба онҳо мақсад ва вазифаҳо равона гардидаанд, ин норасоӣ ва сатҳи пасти тахассусии муаллимон; норасоии адабиёти таълимӣ-методӣ ва таҷҳизот, номувофиқатии мутахассисон ба бозори меҳнат. Ҳалли ин мушкилот ба инкишофи таҳсилоти миёнаи касбӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар ҷумҳурӣ дар соли 2007 57 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ амал мекард (коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо). Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли 2007 нисбат ба соли 2006 1200 нафар зиёд шуд ва 33600 нафарро ташкил дод. Ва мутаносибан фоизи афзоиши

хонандагон дар муассисаҳои миёнаи касбӣ 3.7%-ро ташкил дод. Ҳиссаи донишҷӯён аз ҳисоби умумие, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мегарданд дар коллеҷҳо–79% (26967)-ро ташкил дод. Таносуби донишҷӯ/омӯзгор ба 13:1 баробар аст. Шумораи ҳайати кормандони маъмурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 140 баробар аст. Хароҷот ба як донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли 2006 ба 348 ва дар соли 2007 ба 348,4 сомонӣ баробар буд. Ҳиссаи буҷет барои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ММД дар соли 2006-2007 ба 0,12%, баробар буд. Ҳиссаи буҷет барои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006-2007 ба 0,69% ва 0,6% баробар буд. Ҳиссаи буҷет барои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар буҷети умумии бахши маориф дар соли 2006-2007 3,55% ва 2,73%-ро ташкил дод.

*Таҳсилоти олии касбӣ*

Дар барномаи инкишофи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ба ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ ва бекорӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, инкишоф ва истифодаи оқилонаи хазинаи инсонӣ дар асоси истифодаи васеи механизмҳои бозорӣ, демократикунонии минбаъдаи ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон ҷои махсус дода мешавад.

Ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои дар барнома пешниҳодгардида азнавсозии ҷиддии низоми таҳсилоти олии касбиро мувофиқи принсипҳои иқтисоди бозоргонӣ ва демократикунонии ҷомеа талаб мекунад.

Дар соли 2007 дар ҷумҳурӣ 35 мактабҳои олӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар онҳо 154238 нафар донишҷӯён таҳсил мекарданд, ки ин нисбат ба соли гузашта ба миқдори 8 ҳазор донишҷӯ зиёд аст. Фоизи афзоиши хонандагон дар мактабҳои олӣ 5.45%-ро ташкил дод. Аммо дар соли 2007 мувофиқи маълумоти омории Вазорати маориф шумораи муаллимони мактабҳои олӣ нисбат ба соли 2006 то 700 адад кам шуда, 8231 нафарро ташкил дод. Таносуби муаллим/донишҷӯ дар соли 2007 19 бар 1-ро ташкил дод. Ҳиссаи донишҷӯён аз ҳисоби умумии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар мактабҳои олӣ–40%-ро ташкил дод. Хароҷот барои як донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ каме зиёд гашта, дар соли 2007 177,6 сомониро ташкил дод (дар соли 2006 хароҷоот ба 141,8 баробар буд). Ҳиссаи буҷет барои таҳсилоти олии касбӣ дар ММД дар соли 2006-2007 ба 0,22 ва 0.29% баробар буд. Ҳиссаи буҷет барои таҳсилоти олии касбӣ дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006-2007 ба 1,26 ва 1,41% баробар буд. Ҳиссаи буҷет барои таҳсилоти олии касбӣ дар буҷети умумии бахши маориф дар соли 2006-2007 ба 6,53 ва 6,39% баробар буд. Мувофиқатии нокифояи омодагии хатмкунандагони мактабҳои олӣ ба талаботи бозори меҳнат, таъмини самаранокии иқтисодӣ ва ташкили оқилонаи раванди таълим ба назар мерасад.

Бо мақсади таъмини таълимоти босифат, дастрасии баробари он барои ҳамаи шаҳрвандон дигаргунсозии институтсионалии низоми таҳсилоти миёна

ва олии касбӣ дар асоси алоқаи мутақобилаи таҳсилот бо бозори меҳнат зарур аст.

### 1.3.3. Сифати таҳсил ва мувофиқатнокии он

Натиҷаи мониторинги дастовардҳо дар таълими синфҳои 4, ки соли 2002 дар тамоми ҷумҳурӣ гузаронида шуда буд, нишон доданд, ки дониши бештари мактаббачагон ба меъёрҳои пешниҳодшуда ва ба сатҳи таҳсилот ба меъёрҳои давлатии таълимӣ мувофиқат намекунанд[21].

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикстон ду кӯшиши аз нав дида баромадан ва таҳкими нақшаи таълимӣ ва барномаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро (1-11) андешида буд. Аммо аз сабаби нарасидани маблағгузорӣ ва иконияти пасти Вазорати маориф ин чорабиниҳо дар раванди таълимӣ амалӣ нагардиданд. Айни замон барномаҳои махсус оид ба тағйир додани нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ дар доираи қарзҳои таълимии оҷонсиҳои байналмилалии донорӣ, ба монанди Бонки умумиҷаҳонӣ ва Бонки Рушди Осиё амалӣ мегарданд.

Тезонидани суръати азнавкунии технологияҳо дар навбати худ таҳияи мундариҷаи мувофиқи таҳсилот ва методҳои мутобиқи таълимро талаб мекунад. Дар шароити васеъгардонии алоқаҳои хоҷагидории умумиҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти функсионалӣ ва ҷалбнамоии методҳои анъанавии таълим, ки аз тарафи бештари муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода мешаванд, кам шуда истодааст. Дар баробари ин ҷумҳурӣ дар истифодаи технологияҳои муосир ва навовариҳо ақиб мондааст. Ин ақибмонӣ дар мавҷуд набудани ҷавоби мувофиқ ба низоми таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба талаботи дохилӣ ва берунии бозори меҳнат инъикос меёбад, ки бо системаи аз ҳад сахти батанзимдарории давлатии таҳсилоти олии касбӣ тавассути стандартҳои сахти таълимии давлатӣ ва нақшаҳои таълимӣ асос ёфтаанд. Системаи амалкунандаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мавҷуд набудани масъулияти муассисаҳои таълимӣ барои натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти таълимӣ тавсиф карда мешаванд.

Номувофиқатии стандартҳои амалкунандаи таълимӣ ба талаботи байналмилалӣ воридшавии ҷумҳуриро ба фазои умумиҷаҳонии таълимӣ, аз он ҷумла раванди Болонӣ душвор месозад.

Мушкилоти тағийрпазирӣ, беамалӣ, ҷавоби сусти системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба омилҳои беруна асосан бо мушкилоти норасоии захираҳои молиявӣ, норасоии кадрҳои педагогӣ ва идорӣ, ки дорои тахассуси зарурӣ мебошанд, алоқаманд аст.

Низоми бозомӯзӣ ва баландбардории тахассусии ҳайати профессорию омӯзгорон, ки аз талаботи ҳақиқии соҳа ақиб мондааст, рушди иқтидори кадриро, ки қобили таъмин намудан бо мундариҷаи муосири раванди таълим

[21] Ниг.: Мониторинги дастовардҳо дар таълим ва мушкилоти кӯдаконе, ки ба мактаб намераванд, соли 2002.

ва истифодаи технологияҳои таълимии пешравандаро дорад, ба қафо мекашад.

Базаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки метавонист шароити баробари рақобати озод байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инкишофи шаклҳои мустақили баҳодиҳии сифати таълимро таъмин намояд, вуҷуд надорад. Намунаҳои беҳтарини фаъолияти навоварии таълимӣ таҳия, дастгирӣ ва паҳн карда нашудаанд.

Бадастории мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, дигаргуниҳо дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва кадрӣ танҳо ҳангоми мавҷуд будани стратегияи собитшуда, ки ҳалли давра ба давраи онҳоро вобаста ба иқтидори захиравӣ пешбинӣ менамояд, имконпазир аст.

Омилҳое, ки боиси сифати пасти таълим ва нақши он дар ҳаёти одам гардидаанд:

Якум, набудани омодагии томактабӣ имконияти мактаббачагонро дар азхудкунии барномаҳои таълимӣ паст мегардонад. Сифати таҳсилоти миёна аз тайёрии томактабӣ вобаста дорад, ки набудани он ба нишондиҳандаҳои таҷрибавӣ ва муваффиқиятҳо дар таълим таъсир мерасонанд.

Омили дуюми асосӣ, ки ба сифати таҳсил таъсир мерасонад, ин сатҳи таълимдиҳӣ ва тайёрии омӯзгорон мебошад. Ягон ислоҳоти маориф ба муваффиқият ноил намегардад, агар дар он омӯзгорон фаъолона иштирок накунанд. Мутаассифона, тайи даҳ соли охир Тоҷикистон миқдори зиёди кадрҳои тайёр ва ихтисоснокро аз сабаби муҳоҷират аз даст дод. Мушкилотро он факт душвор гардонд, ки имрӯз музди миёнаи меҳнати муаллим нисбат ба музди меҳнати миёна дар ҷумҳурӣ паст аст. Ҳукумат оид ба баланд бардоштани музди меҳнати муаллимон чораҳо андешида истодааст, аммо он аз дигар соҳаҳо ақиб мемонад.

Омили сеюм, ки ба сифати таҳсил таъсир мерасонад, ин ҷараёни таълимӣ-методӣ ва муносибатҳое мебошад, ки ба методҳои кӯҳна ва консервативӣ асос меёбанд. Дар амал татбиқ намудани интихоби васеи навовариҳо ба системаи маориф зарур аст. Эҳтимол, барои Тоҷикистон стратегияҳои махсус лозим мешаванд, ба монанди таҳсилоти фосилавӣ, синфҳои мобилӣ ва таълими кӯдакони синну солашон гуногун дар як синф, таҷрибае, ки дар дигар мамлакатҳо ба муваффақият ноил гашт.

Омили чорум сатҳи пасти вуҷуддоштаи таъминот бо захираҳои моддӣ ба соҳаи маориф, ба монанди китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ-методӣ ва китобхонаҳо. Инҳо муаллимони баландихтисос, маъмурин ва роҳбарони соҳаи маориф мебошанд.

Панҷум, сифати таълим бевосита аз муҳити умумии мактаб вобаста аст. Аз сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои набудани захираҳо ҳолати инфраструктураи мактаб бадтар шудан гирифт. Муҳити бехатар ва осудаҳолонаи таълимӣ бошад, шарти зарурии таълими бомуваффақият ба ҳисоб меравад. Шумораи синфхонаҳо, набудани мебели мактабӣ барои хонандагон, набудани оби тозаи нӯшокӣ ва иншоотҳои зарурии санитарӣ он

омилҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба сифати таълим, махсусан дар деҳот таъсир мерасонанд.

Шашум, ҳар як мактаб бояд ҳамчун муассисаи алоҳида баррасӣ карда шавад, агар мо хоҳем, ки мактаб дуруст фаъолият намояд. Дар Тоҷикистон ба мактабҳо то ҳол мустақилият ва соҳибихтиёрӣ дода нашудааст, онҳо мақоми мустақили юридикии худро надоранд. Дар чунин шароит барои мактабҳои алоҳида нишон додани ташаббус ва амалигардонии барномаҳои нав ва тарҳи маблағгузорӣ ба ҳар сари аҳолӣ мушкил аст. Директорони мактаб симои асосии мактаб ба ҳисоб мераванд, чунки роҳбарии онҳо ба сифати кори мактаб таъсир мерасонад. Масъалаи роҳбарияти мактаб махсусан ҳамон масъалае ба ҳисоб мерафт, ки дар дигар стратегияҳои қаблӣ, ки ба баландбардории сифати таълим равона гардида буд, ба назар гирифта намешуд.

Билохира, амалигардонии мониторинги сифати таълим дар ҳамаи зинаҳо зарур аст, лекин он бояд доимӣ амалӣ гардад. Чунин системаи самараноки арзёбӣ ва мониторинги тағйирёбии натиҷаҳои раванди таълим айни замон дар системаи таълим вуҷуд надорад. Ба Вазорати маориф ва дигар мақомоти он маълумоти боэътимод ва махсус дар бораи натиҷаи раванди таълим дар мактабҳои гуногун ва минтақаҳо лозим аст. Айни замон механизми институтсионалии назорат/мониторинги сифати таълим дар сатҳҳои гуногун, дар асоси доимӣ ва бо риояи стандардҳои дахлдор вуҷуд надорад.

### 1.3.4. Вазъияти захираҳои инсонӣ

Захираҳои инсонӣ омили муҳими ҳар як соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Раванди таҳсил ва омӯзишро бе тарбиятдиҳандагон, омӯзгорон, олимон, маъмурин ва роҳбарон тасаввур кардан имконнопазир аст.

Ба имкониятҳои кадрии соҳаи маориф оқибатҳои бӯҳрони иқтисодӣ ва мушкилоти давраи гузариш таъсири манфӣ расонидаанд. Ҳамаи ин ба тарки омӯзгорони ихтисоснок ва дигар кадрҳо аз муассисаҳои таълимӣ ба дигар соҳаи фаъолият оварда расонд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат, бадшавии шароити меҳнат, паст рафтани нуфузи омӯзгор дар ҷомеа ва пастравии таъсири дигар омилҳои далелнок мутахассисони ҷавон барои кор ба муассисаҳои таълимӣ кам меоянд.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ дар 3810 (дар 2007-2008 соли хониш) муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ 99354 муаллимон кор мекунанд, ки 62% онҳо маълумоти олӣ доранд. 7028 муаллим таҳсилоти касбӣ надорад. Дар баробари ин 6856 ҷой холӣ аст.

Ба замми ҷанбаҳои дар боло зикргардидаи мушкилоти захираҳои инсонӣ як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки бо имконияти кормандони ҳозираи соҳаи маориф алоқаманд мебошанд. Имконияти идоракунии Вазорати маориф, умуман, то ҳол маҳдуд аст. Роҳбарон ва директорони мактаб – ин боз як звенои имконият мебошад, ки онро пурзӯр намудан зарур аст, агар мо хоҳем мактабҳоро ба сифати муассисаҳои мустақилу соҳибихтиёр бинем. Иштироки ба таври анъанавӣ қабулшудаи ҷомеа ва падару модар дар таҳсилоти мактаб,

чӣ дар масъалаи баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва чӣ дар масъалаи беҳтар намудани имконияти мактабҳо ва падару модар дар шарикӣ бо мактабҳо тавассути ассотсиатсияҳои падару модарон ва муаллимон вуҷуд надорад. Ҳамчунин як қатор мушкилот, ки бо ҷобаҷокунии захираҳои инсонӣ, ба монанди тарки доимии кадрҳо, тақсимоти нобаробари кадрҳои ихтисосноки соҳаи маориф аз рӯи минтақаҳо, набудани баландбардории сифатии ихтисоси муаллимон алоқамананд, вуҷуд доранд.

Мутаассифона, маълумоти пурра дар бораи вазъияти ба амаломада дар масъалаи таъмини кадрҳои ихтисосонок, фиристодани онҳо ба дигар минтақаҳо, сохтор ва муассисаҳо вуҷуд надорад. Дар соҳаи маориф дар масъалаи вазъияти захираҳои инсонӣ хулосаи объективӣ дода нашудааст. Ҳамчунин маълумот дар бораи имконият ва сатҳи малакаи касбии кормандони соҳаи маориф аз рӯи ихтисосҳои гуногун ва соҳаҳо вуҷуд надорад. Ҷамъ намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани захираҳои инсонӣ, пеш аз ҳама барои ташкили базаи маълумот пеш аз банақшагирии доимӣ оид ба захираҳои инсонӣ дар соҳаи маориф зарур аст. Таҳлили омории давлатӣ нишон медиҳад, ки дар соли хониши 2003-2004 дар мактабҳои миёнаи умумӣ 103174 муаллимон кор мекарданд, аз онҳо 63963 муаллимон (61,9%) маълумоти олӣ, 22897 (22,1%) маълумоти миёнаи махсус ва 9843 (9,5%) маълумоти миёнаи умумӣ доранд. Умуман, тахмин меравад, ки беш аз 30% муаллимони синфҳои ибтидоӣ танҳо маълумоти миёнаи касбӣ ва миёнаи умумӣ доштанд.[22] Мувофиқи маълумоти Вазорати маориф дар таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-11) ҳангоми тақсим кардани соатҳои таълимии ҳар як муаллим аз рӯи низомномаи нав 10,7 ҳазор муаллим намерасад[23].

Ба замми ҷанбаҳои дар боло зикргардидаи мушкилоти захираҳои инсонӣ як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки бо имконияти кормандони ҳозираи соҳаи маориф алоқаманд мебошад. Имконияти идоракунии Вазорати маориф, умуман, то ҳол маҳдуд мебошад. Роҳбарон ва директорони мактаб – ин боз як катори имконият мебошад, ки онро пурзӯр намудан зарур аст, агар мо хоҳем мактабҳоро ба сифати муассисаҳои мустақилу соҳибихтиёр бинем. Иштироки ба таври анъанавӣ қабулшудаи ҷомеа ва падару модар дар таҳсилоти мактаб, чӣ дар масъалаи баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва чӣ дар масъалаи беҳтар намудани имконияти мактабҳо ва падару модар дар шарикӣ бо мактабҳо тавассути ассотсиатсияҳои падару модарон ва муаллимон вуҷуд надорад. Ҳамчунин як қатор мушкилот, ки бо ҷобаҷокунии захираҳои инсонӣ, ба монанди тарки доимии кадрҳо, тақсимоти нобаробари кадрҳои ихтисосноки соҳаи маориф аз рӯи минтақаҳо, набудани баланбардории сифатии ихтисоси муаллимон алоқамананд, вуҷуд доранд.

### 1.3.5 Захираҳо ва менеҷментӣ молиявӣ

[22] Ҳисоботи пурраи ҲРҲ, моҳи майи соли 2005.
[23]Маҷмӯи омории ВМ, соли 2004.

Дар 2 соли охир аз тарафи соҳаи маориф беш аз 24 миллион доллари амрикоӣ қарзҳои байналмилалӣ ва грантҳо аз худ карда шуданд. Афзаляти таҳсилоти умумии миёна бо захираҳои молиявӣ мустаҳкам гардидаанд. Суръати асосии маблағҷудокуниҳои буҷетӣ солҳои охир ба баландбардории музди меҳнати кормандони системаи таҳсилоти умумӣ, махсусан ҳайати омӯзгорон равона гардида буд. Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 219 аз 16 марти соли 2007) аз 1 апрели соли 2007 музди меҳнати муаллимон қариб 24% зиёд карда шуд. Дар баробари ин баланд бардоштани музди меҳнат бе баланд бардоштани дигар моддаҳои хароҷоти буҷет солҳои охир ба баландшавии ҳиссаи фонди пардохти меҳнат дар хароҷоти ҷорӣ то дараҷаи муаяйн оварда расонд. Мувофиқи буҷети тасдиқгардида барои соли 2007 ҳиссаи пардохти меҳнат бо ҳисоб кардани хароҷоти ҷорӣ беш аз 90%-ро ташкил медиҳад. Чунин вазъият истифодаи маблағҳои пулиро дар раванди амалигардонии ислоҳот бесамар мегардонад.

Маблағгузории беруна дар маблағгузории соҳаи маориф ҳиссаи калонеро ташкил медиҳад. Дар давраи арзёбии мӯҳлаташ миёна аз тарафи созмонҳои зиёди донорӣ, аз он ҷумла Бонки умумиҷаҳонӣ (БУ), Бонки Рушди Осиё (БРО), Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), СММОБМИФ (ЮНЕСКО), Бонки исломии Рушд, Фонди Оғохон, Ҷамъият оид ба ҳамкории техники Олмон, Институти кушодаи Фонди Сорос ва ғайра кӯмак расонида шуд. Танҳо аз соли 2000 то 2007 донорҳо барои дастгирии инкишофи соҳаи маориф қариб 56,2 миллион доллари амрикоӣ ҷудо намуданд.

Вазифаҳои асосии ин соҳа васеъ намудани сарчашмаҳои маблағгузорӣ, таъсиси шароити мусоид барои ҷалб намудани бахши ғайридавлатӣ ва ҷалби тадриҷии ҳиссаи хароҷоти давлатӣ, ҳамчунин баланд бардоштани самаранокӣ ва баробарии онҳо мебошад.

Ба чораҳои аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аз нав дида баромадани имкониятҳои маблағгузории соҳаи иқтисод нигоҳ накарда, ҳолати молиявии соҳаи маориф вазнин мемонад.

Масъалҳои асосии бо захираи молиявӣ ва идоракунӣ алоқаманд инҳоянд:

-мутобиқшавии соҳаи маориф ба шароитҳои нав бо ҷалби захираҳои иловагии молиявӣ ва тағийрёбии методҳои идоракунии молиявӣ алоқаманд аст. Айни замон структураи оқилонаи сарчашмаи маблағгузории соҳаи маориф тартиб дода нашудааст. Чунин масълаҳо ба монанди маблағгузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ, идоракунии ноҳиявӣ ва мактабӣ, сармоягузорӣ ва ҷалби сектори хусусӣ, пардохти хидматрасонии таълимӣ ва арзёбии пурраи хароҷот дар сохтори молиявӣ пурра инъикос нагардидаанд, ки онро дар оянда кор карда баромадан лозим аст;

-маблағгузории нокифоя, сармоягузории номувофиқ ба захираҳои инсонӣ ва муассисаҳои таълимӣ ба камшавии маблағгузорӣ оварда расонд, ки аз сабаби афзоиши шумораи хонандагон боз ҳам бад мешавад. Ин зиёд кардани

сармоягузориро талаб мекунад, ки аз тарафи давлат, сектори хусусӣ ва истифодабарандагони хидматрасониҳои таълимӣ пешниҳод мешаванд;

-талаботи сектори хусусӣ дар сармоягузории сектори хусусӣ ва саҳми истифобарандагон бузург аст, аз ин рӯ, дар давраи мӯҳлати иҷроишаш миёна ба Ҳукумат пур кардани хароҷот барои рушд ва амал кардани системаи маориф мушкил хоҳад шуд. То ҳоле ки иштироки муайяни сектори хусусӣ ҷой дорад, аз ин рӯ зарурат ба минбаъд васеъ намудани саҳми он дар масъалаҳои зерин вуҷуд дорад:1) пешниҳоди хидматрасониҳо; 2) додани кӯмак тавассути маблағгузорӣ (созмондиҳӣ, хидматрасонӣ, стипендияҳо); 3) гирифтани ҳақ аз истифодабарандагон, пардохти таълим ва пешниҳоди хидматрасониҳои муайяни таълимӣ аз рӯи шартнома дар асоси қонун;

-мушкилоти дигар набудани низоми меъёрии маблағгузорӣ мебошад. Буҷети секторӣ модда ба модда тартиб дода мешавад, ки дар истифодабарии мақсадноки захираҳо, назар ба натиҷаҳо ва сифати кори иҷрогардида таъсири худро мерасонад. Чунин муносибат одаткунониро ба давраи нисбатан мӯҳлати иҷроишаш миёнаи банақшагирии маблағгузорӣ (ва идоракунӣ), ки ба сифати кор асос меёбад, талаб мекунад. Вазъияти ҷорӣ дар таҳсилоти умумӣ намунаи мисоли мувофиқ ба ҳисоб меравад: аз рӯи категорияи зикргардида захираҳои молиявии афзуда ҷудо карда шуда буд, бо вуҷуди ин ҳоло маълум нест, ки онҳо ба чунин нишондиҳандаҳои сектор ба мисли беҳтаршавии иштирок, сифати таълим ва муваффақияти хонандагон таъсир расондаанд ё не;

-зарурати беҳтар кардани низоми идоракунии молиявӣ вуҷуд дорад Дар як вақт бо афзоиши молиявӣ ва идоракунии он, ки дар натиҷа то ба сатҳи ноҳияҳо мерасад, қабули методҳои идоракунии молиявӣ зарур аст, ки бояд дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ташкил карда шавад. Чунин инкишоф дар давраи мӯҳлати иҷроишаш миёна вақти зиёдеро мегирад, ҳамчунин тағйиротро дар назорат ва низоми идоракунии молиявӣ дар сатҳи марказӣ талаб мекунад. Ба ин ҷо ҳамчунин таълими кормандони идоракунанда ба методҳои идоракунии молиявӣ, бо мақсади ба даст овардани масъулияти бештар дохил мегардад. Ҳисоби умумии хароҷоти ба нақшагирифташуда барои соҳаи маориф дар соли 2011 3137,2 млн.сомониро дар муқоиса бо 872,73 млн.сомонӣ дар соли 2007 ташкил медиҳад (нигаред. Замимаи №11).

Охирин махсусан муҳим аст дар партави бартараф намудани марказияти идоракунӣ, соҳибихтиёрии муассисаҳои таълимӣ ва амалигардонии системаи маблағгузорӣ ба ҳар сари аҳолӣ (ниг. Замимаи 9, 10). Ин таҳкими низоми идоракунии молиявӣ ва дигарҳоро, истифодабарии моделҳои мувофиқ ва самараноки молиявӣ, ҳамчунин мустаҳкамкунии имкониятҳои кадрҳоро дар ҳамаи сатҳҳо талаб мекунад.

Билохира. Гарчанде воситаҳои ба сектори маориф равонашуда зиёд гардида, (ниг. Замима №11) беҳтаршавӣ дар масъалаи баланд бардоштани музди меҳнат, сармоягузории асосӣ, таъмин намудан бо китобҳои дарсӣ ва дигар соҳаҳо ба назар расад ҳам, то ҳол хароҷоти нигоҳдошташуда оид ба сармоягузории ҷорӣ ва иловагии сектор вуҷуд доранд.

## 1.4. Чораҳо оид ба ислоҳоти системаи маориф

### 1.4.1. Ислоҳоти сиёсӣ

Аз соли 2000 то соли 2008 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои муҳими ҳуқуқӣ-қонунгузорӣ қабул гардиданд, ки сиёсати давлатро дар соҳаи маориф муайян намуд. Онҳо ба азнавкунӣ, ҳалли мушкилоти гендерӣ, баландбардории сифати таълим, барҳам додани камбизоатӣ тавассути баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ равона гардидаанд. Номгӯи муфассали ҳамаи қонун ва қарорҳои вуҷуддоштаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар Замимаи № 12 ҳуҷҷати мазкур оварда шудаанд. Арзёбии таъсирбахшии ин ҳуҷҷатҳои қонунгузор ва қарорҳо аз чорчӯбаи ҳуҷҷати мазкур мебарояд.

Дар асоси қонун ва қарорҳои дар боло зикргардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҳамаи системаи маориф муайян карда шудааст. Ҳисоботи миллӣ оид ба Таҳсилот барои ҳама – Арзёбӣ с.2000 ва с.2005, Ҳуҷҷат оид ба стратегияи паст кардани камбизоатӣ (2002) тайёр карда шуда буданд, Ҳукумат «Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро тасдиқ намуд. Соли 2004 Қонуни нав «Дар бораи маориф» қабул гардид. Соли 2005 Ҳисоботи арзёбии талаботҳои Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола барои секторҳои гуногун, аз ҷумла маориф таҳия гардид.

Соли 2005 Ҳукумати ҶТ Нақшаи амалигардонии ислоҳоти системаи маорифро барои соли 2004-2009 тасдиқ намуд, ки аз рӯи он амалиётҳои амиқ барои беҳтаршавии системаи маориф қабул карда шуд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази миллии санҷишӣ таъсис дода шуд, Низомнома дар бораи магистр, бакалавр ва мутахассис бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, Вазорати маориф ҳар сол дар таҳияи барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ фаъолона иштирок мекунад, Маркази ҷумуҳуриявии таълимӣ-методӣ таъсис дода шуд, дар назди ҳамин марказ бахши арзёбии донишҳои хонандагон кушода шуд. Низомнома тасдиқ гардид ва Маркази ҷумҳуриявии оид ба технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таъсис дода шуд. Барномаи нави компютеркунонии мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикстон барои солҳои 2008-2012 тасдиқ гардид. Аммо боз масъалаи мабалағгузорӣ ба миён меояд, ки барои фаъолияти самараноки навовариҳои дар боло зикргардида нокифоя аст.

### 1.4.2. Тарҳрезии системаи маориф

Тайи панҷ соли охир реструктуризатсияи муайяни системаи маориф дар Вазорати маориф гузаронида шуда истодааст.

Мувофиқи Стратегияи ислоҳоти сектори давлатӣ аз тарафи Ҳукумат реструктуризатсияи вазоратҳои асосӣ, аз ҷумла Вазорати маориф пешбинӣ шудааст ва дар зинаи аввали дигаргуниҳои институтсионалӣ якчанд тағйирот ба раванди фаъоли вазорат ворид гардидаанд.

Дар асоси Нақшаи ислоҳоти системаи маориф барои соли 2004-2009 (Қарори Ҳукумат №291 аз 30 июни соли 2004) аз моҳи январи соли 2005 тағйирдиҳии сохтори идоракунӣ ва маблағгузорӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумии панҷ ноҳияҳои таҷрибавӣ (шаҳрҳои Кӯлоб, Хоруғ, Хуҷанд, Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон) (дар соли 2006 12 ноҳия буд, айни замон ҳамаи мактабҳои шаҳри Душанбе ва то соли 2010 ҳамаи мактабҳои ҶТ), ки таҷриба оид ба муқаррар намудани зарурати маблағгузорӣ ба ҳар сари аҳолиро амалӣ мегардонанд, татбиқ мегардад. Аз тарафи Ҳукумат қароре қабул карда шуда буд, ки дар асоси он ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон худмухторӣ дода шуд. Шумораи муассисаҳои таълимии хусусӣ ва якҷояшавии онҳо ба системаи расмии маориф зиёд мегардад.

### 1.4.3.Амалигардонии нақшаҳои миллӣ, барномаҳои махсус ва лоиҳаҳои махсус

Дар панҷ соли охир аз тарафи Ҳукумат қариб 10 барномаҳои давлатӣ, 5 нақшаҳои миллӣ ва як қатор лоиҳаҳо дар соҳаи маориф қабул гардидааст, ки амалигардонии онҳо дар 5-10 соли наздик пешбинӣ шудааст (барои маълумоти муфассал нигаред Замимаи №13). Онҳо ба навкунии системаи маориф, беҳтаршавии сифати таълим ва тайёр намудани кадрҳо, таҳкими ҷараёни таълим, ҳалли мушкилоти гендерӣ, амалигардонии мақсадҳои МБҲ, ҲРҲ, ҲПСК ва ғайра равона гардидаанд. Дар онҳо вазифаҳо гузошта шудаанд ва ояндаи хуб барои соҳаи маориф ва тайёрии касбии кадрҳо муаяйн гардидаанд. Қайд кардан зарур аст, ки хароҷот барои амалигардонии барномаҳо, нақшаҳо, лоиҳаҳои спектори маълумот дар сатҳи захираҳои ҳар як кишвар ба камтар аз 50% таъмин гардидаанд, қисми боқимонда бошад танҳо бо кӯмаки беруна пур карда мешавад. Мутаносибан, дар ҳолати дастгирии берунаи воқеӣ дар оянда ба пешравӣ дар ислоҳоти маориф умед бастан мумкин аст.

### 1.4. 4. Чораҳо оид ба ислоҳоти молиявӣ

Дар солҳои охир Ҳукумати Тоҷикистон ба аз нав дида баромадани бартариятхо дар маблағгузорӣ бо мақсади расонидани кӯмак дар пешравии ҳамаи бахши маориф, бо диққати махсус додан ба таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-11) қадамҳо гузошта истодааст. Чораҳои аз тарафи Ҳукумат андешидашуда инҳоянд:

*«Оид ба пардохти ҷубронпулиҳо ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд», Қарори № 244 аз 2 майи соли 2007. Қарори мазкур бо мақсади беҳтар намудани дастрасӣ ба таҳсилоти кӯдакони синнашон 7-15-сола омода гардида буд. 15%*

*оилаҳои мӯҳтоҷ ҳар се моҳ кӯмакпулӣ мегиранд. Кӯмакпулӣ дар оила ба ду нафар хонанда аз ҳар як оила дода мешавад. Маблаггузории амалигардонии барномаи мазкур аз тарафи буҷетҳои маҳаллӣ амалӣ мегардад.*

«Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои маблағгузории меъёрии (ба ҳар сари хонанда) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ». *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 3.10.2007. Мувофиқи Қарори мазкур вазоратҳои молия ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастури маблаггузории меъёрии (ба ҳар сари хонанда) муассисаҳои таҳсилоти умумиро таҳия намуданд. Дар Дастур шароит ва тартиби нави маблаггузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муқаррар гардидаанд. Дастури мазкур нишондодҳои методӣ оид ба ҳисоби меъёри маблаггузорӣ ба ҳар сари хонанда, ташаккули буҷет ва истифодаи воситаҳои маблаггузориро дар бар мегирад. Бо қарори мазкур ҳамчунин тартиби гузариши мактабҳои ҷумҳурӣ ба шакли нави идоракунӣ ва маблаггузорӣ тасдиқ гардидаанд. Интизорӣ меравад, ки то соли 2010 ҳамаи мактабҳои ҷумҳурӣ ба маблаггузорӣ ба ҳар сари хонанда (меъёрӣ) мегузаранд. «Дар бораи зиёд кардани маоши вазифавии кормандони буҷетӣ ва андозаи нафақаи иҷтимоӣ». Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон аз 16 марти соли 2007, № 219.* Бо фармони мазкур нақшаи нави музди меҳнати вазифавии роҳбарон ва маблағи моҳонаи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муқаррар гардидааст. Мувофиқи нақшаи мазкур ҳамаи иловапулиҳои амалкунандаи пешина, ба ғайр аз иловапулӣ барои роҳбарии синф ва тафтиши дафтар ва корҳои хаттӣ, бо базаи пешакӣ амалкунанда муттаҳид карда шудаанд ва ҳамин тариқ базаи нав муқаррар карда шудааст.

*«Дар бораи Нақшаи амалигардонии ислоҳоти системаи маориф барои соли 2004-2009», №291 аз 30 июни соли 2004.* Ин қарор Нақшаи амалиёт барои солҳои 2004-2009-ро дар бар мегирад ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми маорифро муайян менамояд.

Мувофиқи санадҳои меъёрии дар боло зикргардида, Ҳукумат кӯшиш мекунад, ки шумораи муаллимон, сарборӣ ва музди меҳнати муаллимонро ба танзим дарорад, механизми маблағгузори сарикасӣ ба ҳар як хонанда амалӣ гардонад, ки ба беҳтаршавии вазъияти молиявӣ мусоидат мекунад. Аммо ҳисобот ва умумигардонии саҳми хусусӣ ва эътимоднокии ин тамоюл ҳалли худро наёфтаанд.

### 1.4.5. Ба кор андохтани захираҳо

Ҳукумати ҶТ бо мақсади рушди маориф доимо диққати махсус ба ба кор андохтани захираҳои инсонӣ, молиявӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ медиҳад. Президенти ҷумҳурӣ доимо оиди системаи маориф ғамхорӣ зоҳир менамояд ва ташаббусҳои сершуморро дар ин масъала фаъолона дар чорчӯбаи имконияти ба кор андохтани захираҳои беруна ва дохила ба соҳаи маориф пешниҳод мекунад.

Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар мамлакатҳои собиқ шӯравӣ аз захираҳои табиӣ, аз қабили нафт бой нест ва ҳамчунин зери фишори омилҳои демографӣ қарор дорад. Чунин вазъият Тоҷикистонро дар масъалаи гирифтани захираҳои молиявӣ барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти сохтор дар сатҳи маҳаллӣ боз ҳам ҳасос мегардонад. Тоҷикистон ҷумҳуриест, ки ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст ва дар раванди гузариши иқтисодӣ қарор дорад. Ҳамаи ин омилҳо ба Ҳукумати Тоҷикистон масъулияти вазнини ба кор андохтани захираҳои маҳдудро мегузорад ва ҳамзамон онро ба яке аз тамоюлҳои афзалиятнок табдил медиҳад.

---

# Нақшаи стратегии рушди системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2018 Қисми II

*Яке аз асосҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати давлатии иҷтимоии мамлакат ислоҳот дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад*

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Э. РАҲМОН

Роҳ ба пеш: Биниши рушди соҳаи маорифи Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилотро ҳамчун яке аз афзалиятҳои асосии миллӣ баррасӣ менамояд ва системаи миллии маорифро, ки бо нишондиҳандаҳои беҳтарини дастрасӣ ва сифат, ки ба талаботҳои ҳозира мувофиқ мекунанд, дар оянда мӯътадил ва устувор дидан мехоҳад. Дар шароити ҳозира ва душвориҳои нишондодашуда, Ҳукумат вазифаи худро дар ҳалли масъалаҳои зерин мебинад:

а)Барқарорсозии системаи мувофиқи маориф, ки ба шароити ҳозира ҷовобгӯ бошад ва дар сатҳи глобалӣ тағйир ёбад.

б)Навсозии системаи маориф дар асоси ислоҳоти идоракунӣ ва роҳбарии сектори маориф бо мақсади гузариш аз системаи мутаммарказонидашудаи хоси давлатӣ ба системаи ҳамшарикӣ дар сатҳи гуногун, ки ба иштироки васеи сектори хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеа дар маориф мусоидат мекунад.

в)Мустаҳкам намудани алоқаи мутақобила ва пайдарпайии ҳамаи зинаҳои таҳсили ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, олӣ, касбӣ, ҳамчунин барқарорсозии стандартҳо барои гузаронидани мониторинги босифат дар ҳар яке аз ин зинаҳо.

г)Ба кор андохтани захираҳо (инсонӣ, моводӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ) бо мақсади рушди системаи маориф ва пурзӯр намудани имконияти институтсионалӣ ва инсонӣ, ки барои идоракунии самараноки ин захираҳо зарур аст.

д)Таъмини имкониятҳои баробар ва дастрасӣ ба таҳсилот барои кӯдакони эҳтиёҷманд, аз ҷумла аз деҳот, кӯдакони имконияташон маҳдуд ва кӯдакони махсусан болаёқат. Ҳамчунин таъмини баробарии гендерӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳсилоти миёнаи умумиро муҳим ҳисоб намуд, ки дастрасӣ ба таҳсилоти базавӣ барои ҳамаи кӯдаконро таъмин менамояд. Вобаста ба ин мутаносибан захираҳои молиявӣ ва сармояҳо ҷудо ва равона карда мешаванд.

Бо назардошти вазифаи асосӣ Стратегияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд: «Таъмин намудани хидматрасонии таълимии таъсирбахш ва самаранок ба таҳсилоти мувофиқи босифат барои ҳама». Вазифа равандҳои асосиро, ки дар 5 мақсадҳои стратегӣ ташаккул ёфтаанд, инъикос менамояд, ки ба рушди соҳаи маорифи Тоҷикистон равона гардидаанд.

Дар Нақшаи стратегии рушди системаи маорифи Тоҷикистон барои 10 соли наздик (2009-2018) ҳар як мақсади стратегӣ вазифаи аниқ дорад.

Дар Нақшаи амалиёти мӯҳлати иҷроишаш миёнаи рушди системаи маориф (2009-2013) ботартибнокӣ ва афзалиятнокии ин вазифаҳо ва чораҳо муқаррар гардидаанд, ки ба ба даст овардани мақсадҳои стратегӣ равона гардидаанд.

Нақшаи мазкур тағйирёбанда ҳисобида мешавад, аз ин лиҳоз Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки аз имкониятҳои мавҷуда истифода намуда чорабиниҳои банақшагирифташударо мунтазам аз назар гузаронида ба он навовари ворид созад.

Барои беҳтар кардани вазъияти кунунии Тоҷикистон дар кори ислоҳотгузаронӣ ва рушди системаи маориф муносибати ҳаматарафаро амалӣ кардан зарур аст.

Ин қисми ҳуҷҷат асоси мантиқии мақсадҳои стратегӣ, вазифа ва стратегияро нишон медиҳад, ки ба рушди системаи маорифи Тоҷикистон равона хоҳанд шуд. Нишондиҳандаҳо оиди ҳар як аз натиҷаҳои қайдгардида (аз рӯи ҳар як мақсад ва вазифа) бо ҷадвал барои гузаронидани мониторинги фаъолият дар Замимаи №16 оварда шудаанд.

Дар асоси мақсадҳои СПСК, афзалиятҳои СМР ва бо назардошти мушкилоти зикргардида дар соҳаи маориф, стратегияҳо дар сектор аз вазифаҳои зайл иборатанд:

1).Беҳтар намудани низоми идоракунии соҳаи маориф

2).Баланд бардоштани самаранокии низоми истифодаи захираҳои мавҷуда

3).Беҳтар намудани таъмини методӣ ва кадрии системаи маориф

4).Беҳтар намудани дастрасии духтарон ва писарон, кӯдакони аз гурӯҳҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ ба таҳсилот

5). Беҳтар намудани базаи моддӣ-техникии бахши маориф.

*Беҳтар намудани низоми идоракунии соҳаи маориф (вазифаи 1) бо роҳи зайл амалӣ мегардад:* муаяйн намудан ва тафриқаи ӯҳдадориҳои вазифавии мақомоти идораи сохтор; муносиб кардани шабакаҳои мактабҳои ибтидоӣ ва миёна, ки ба даст овардани истифодаи беҳтари захираҳо ҳангоми нигоҳ доштан ва зиёд намудани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна имкон медиҳад; баланд бардоштани мустақилият ва масъулияти муассисаҳои таълимӣ, ҷалби падару модарон ва ҷомеа ба масъалаҳои ташкили раванди таълим ва назорати сифати таълим ва ба дарс омадан; пурзӯр намудани иқтидори директорони мактаб ва дигар кормандони тобеъ; беҳтар намудани таъмини иттилоотии сохтор ва ба миён овардани имконият барои раванди боз ҳам асосноки раванди қабули қарор дар ин бахш; омӯзиши талабот дар бозори меҳнат ба кадрҳои баландихтисос ва тағйири самти муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барои қаноат кунонидани ин талабот.

*Барои баланд бардоштани самаранокии системаи истифодаи захираҳои мавҷуда* (вазифаи 2) як қатор чораҳо андешида шудаанд, ки ба беҳтар намудани самаранокии истифода ва ҷалб намудани андозаи маблағгузории давлатии системаи таҳсилот ва ба сектор ҷалб намудани захираҳои хусусӣ равона гардидаанд. Қабули Консепсияи маблағгузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 ва идома додани санҷиши низоми маблағгузорӣ ба ҳар сари хонанда пешбинӣ шудааст, ки ба баланд бардоштани шаффофияти истифодаи захираҳои давлатӣ, мувофиқатии боз ҳам зичи маблағгузорӣ бо натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, тақсим намудани маблағҳои молиявӣ бо назардошти шумораи хонандагон ва хусусиятҳои хоси минтақа/ноҳия, ба муассисаҳои таълимӣ додани озодӣ ва масъулияти дар ихтиёрдории захираҳои давлатӣ равона гардидаанд. Ҷорӣ намудани низоми нави пардохти музди меҳнат ба баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат хоҳад расонд, ки ба мувофиқатии беҳтари пардохти меҳнат ба ихтисос ва хароҷоти ҳақиқии меҳнати муаллимон ва пешгирии тарки минбаъдаи онҳо аз мактаб мусоидат мерасонад. Батанзимдарории низоми пешниҳоди хидматрасонии пулакӣ аз тарафи мактабҳои давлатӣ ва кӯмаки ҳаматарафа ба инкишофи муассисаҳои таълимии хусусӣ барои ҷалби маблағҳои иловагӣ ба соҳа ва фиристодани қисми маблағгузории давлатӣ ба эҳтиёҷоти таълими кӯдакони камбағал ва гурӯҳҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ имкон фароҳам меорад.

*Беҳтар намудани таъмини методӣ ва кадрии низоми таҳсилот (вазифаи 3)* барои баланд бардоштани сифати таҳсилот зарур аст. Ин вазифа тавассути азнавкунии мундариҷаи таҳсилот, таҳкими нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, омода намудани китобҳои дарсӣ, ки муносибати навро ба таҳсилот инъикос мекунанд, ҳалли худро меёбад. Дигар самти муҳим аз нав тайёр намудан ва баланд бардоштани тахассуси муаллимон мебошад, ки ин имкон медиҳад сифати таълим беҳтар ва норасоии муаллимон дар мактабҳо, махсусан дар деҳот кам гарданд. Чораҳои мақомоти маҳаллии иҷроия оид ба ҷалби муаллимони ҷавон ба кор дар мактабҳои деҳот низ равона мегардад. Низоми

назорати мустақили сифати таълим ҷорӣ карда хоҳад шуд ва имконияти мувофиқатии арзёбии фаъолияти мактабҳо бо натиҷаҳои чунин назорат омӯхта хоҳад шуд.

Яке аз вазифаҳои мушкил дар таҳсилот ин беҳтар намудани *дастрасии духтарон ва писарон, кӯдакон аз гурӯҳҳои эҳтиёҷманд ба таҳсил* мебошад (вазифаи 4). Дар шароити маҳдудияти захираҳо, ки дахолати васеи давлатиро имконнопазир мегардонад, диққати асосӣ ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои мавҷуда ва методҳои коркарди механизмҳои нави дастгирии кӯдакони аз гурӯҳҳои эҳтиёҷманд дода мешавад. Барои бартараф намудани мамониятҳо дар масъалаи давомот дар мактабҳо, ки бевосита ба камбизоатӣ алоқаманд аст, хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо хӯроки гарм таъмин мегарданд, дастгирии молиявӣ ба оилаҳои камбизоат бо мутаммарказии захираҳо ба ноҳияҳои аз ҳама камбағал ва ҷудошуда расонида мешавад. Чораҳо оид ба таъмини дастрасии ҷавонони деҳот, махсусан духтарон ба таҳсилоти касбӣ ва олӣ андешида мешаванд, ки бояд ба бартараф намудани нобаробарии гендерӣ дар бозори меҳнат мусоидат намояд. Муносибатҳои устувор ба ҳамгироии кӯдакони имконияти маҳдуддошта ба раванди таълими муассисаҳои оддии таълим баррасӣ ва коркард хоҳанд шуд.

Маблағгузории нокифоя дар давоми даҳ соли охир ба муассисаҳои таълимӣ ва шумораи афзудаистодаи кӯдакон ба таҳсилот водор мекунанд, ки оид ба *беҳтар намудани базаи моддӣ-техникии бахши таҳсилот* чораҳо андешида шаванд (вазифаи 5). Ин як қатор чораҳоро оид ба сохтмон ва таъмири пуррраи биноҳои мактаб, ба даст овардани таҷҳизоти зарурӣ барои мактаб, нашри китобҳои дарсӣ дар бар мегирад. Пеш аз ҳама захираҳо ба он шаҳру ноҳияҳое равона мегарданд, ки дар он ҷойҳо аз сабаби афзоиши шумораи аҳолӣ, ҷудокунии ҷуғрофӣ ва камбизоатӣ норасоии ҷойҳои хонандагон мавҷуд аст.

Амалигардонии чораҳои зикргардида дар таҳсилот имкон медиҳад то соли 2009 ба мактаб омадани кӯдакони синнашон 7-15 -ро ба таҳсилоти миёна то 98%, духтаронро бошад 50% аз ҳисоби умумии шумораи хонандагон расонанд. Ҳамзамон сифати таълим ва мувофиқии он ба талаботи инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон бояд баланд гардад.

<u>Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти томактабӣ</u>

- Ҷорӣ намудани механизми баробар намудани музди меҳнати мураббиёни муассисаҳои томактабӣ то дараҷаи муаллимони синфҳои ибтидоии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ;
- Зиёд намудани хароҷот барои хӯроки ҳар як кӯдак ҷудо кардашуда дар як рӯз;
- Ҷудо намудани маблағ барои таъмир ва барқарорсозии биноҳои мактабҳои томактабӣ;
- Таъмини МТ бо адабиёти кӯдакона, маводҳои илмӣ-методӣ ва маводҳои айёнӣ;

- Мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникӣ ва иҷтимоии муассисаҳои томактабӣ дар деҳот;
- Кушодани синфҳои тайёрии мавсимӣ (тобистон) дар базаи муассисаҳои таълимии мавҷуда;
- Таъмини раванди таълими томактабӣ бо маводҳои илмӣ, методӣ;
- Аз нав дида баромадани иштироки падару модарон дар маблағгузории кӯдакон дар МТ.

Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти умумӣ

- Идома додан ва васеъ гардонидани гузариши мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба маблағгузории сарикасӣ ба ҳар як хонанда дар тамоми ҷумҳурӣ;
- зиёд намудани музди меҳнати муаллимон ва кормандони мактаб;
- таҷҳизонидани мактабҳо бо таҷҳизоти техникӣ ва дигар таҷҳизотҳои зарурӣ;
- таъмини омодагӣ ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони педагогии системаи таҳсилот;
- Таъмини кӯдакони синфҳои ибтидоӣ бо хӯроки гарм дар мактаб.
- Таъмиру аз навсозии мактабҳое, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд.

Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти махсус

- Зиёд намудани хароҷоти хӯрок барои як хонанда дар як рӯз;
- таъмини омодагӣ ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони педагогӣ дар системаи муассисаҳои махсус;
- азнавсозии биноҳои мактаб мувофиқи талаботи муассисаҳои зикргардида;
- таъмин намудан бо китобҳои дарсии махсус ва таҷҳизот барои нобиноён, кӯдаконе ки чашмонашон нағз намебинанд, кар ва кӯдаконе, ки узви сомеашон суст аст.
- Мунтазам воридшудан ба таҳсилоти инклюзивӣ.

Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти иловагӣ

- Барҳам додани нобаробарӣ дар пардохти меҳнат барои роҳбарони маҳфилҳо оид ба омӯзиши чуқури фанҳо дар мактаб;
- гузариши тадриҷии маҳфилҳои худфаъолиятии бадеӣ ба ҳисоби хоҷагӣ.

Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти ибтидоии касбӣ

Барои ба даст овардани ин мақсад ва бо назардошти вазъи ҷории ҷузъҳои асосии системаи ТКИТ Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки ТИК барои давраи кӯтоҳмуддат (2009-2013) ва миёнамӯҳлат (2014-2018) муаяйн карда шудаанд:

- Мундариҷаи таҳсилот ва ташкили раванди таълим;
- структураи касбӣ-тахассусии омода намудани кадрҳои коргарӣ;
- асоси илмӣ-методӣ ва таълимӣ-истеҳсолии рушди низом;
- таъмини кадрии рушди низом;
- инкишофи муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва шарикии иҷтимоӣ;
- дастгирии иҷтимоӣ-иқтисодии хонандагон ва кормандони низом;

- ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ;
- базаи рушди моддӣ-техникӣ ва таълимӣ-истеҳсолии низом;
- таҳсилоти касбии калонсолон;
- базаи қонунгузор ва меъёрии ҳуқуқии рушди низом;
- аз нав дида баромадани низоми музди меҳнати таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- ҷорӣ намудани низоми омӯзиши талабот дар бозори меҳнат ва ворид намудани тағйирот ба сифат ва сохтори омода намудани мутахассисон;
- гузаронидани инвентаризатсия ва аз ҳисоб баровардани таҷҳизот;
- шурӯъ намудан ба азнавташкилкунӣ ва такмили шабакаи ТИК тавассути иттиҳодияҳо;
- Пешбинӣ намудани афзоиши ҳамасолаи шумораи донишҷӯён дар асоси шартнома.

Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти миёнаи махсус

Аз нав дида баромадани низоми музди меҳнати таҳислоти миёнаи касбӣ;

- беҳтар намудани ПМТ аз ҳисоби нашри китобҳои дарсӣ ва ба даст овардани таҷҳизоти илмӣ-лабораторӣ;
- аз нав дида баромадан ва пурра намудани рӯйхати тахассусӣ мутобиқи талабот дар бозори меҳнат.

Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти олии касбӣ

- такмили низоми пардохти музди меҳнати кормандони мактабҳои олӣ бо назардошти маблағҳои ғайрибуҷетӣ;
- ҷудо намудани маблағ барои стипендияҳо барои духтарон аз оилаи камбизоат ва деҳот;
- таҳия намудан ва омӯхтани механизми ҷорӣ намудани системаи қарздиҳии таҳсилот дар мактабҳои олии таҷрибавии ҷумҳурӣ бо мақсади паҳннамоии минбаъдаи он ба дигар мактабҳои олӣ;
- таҳияи таснифгари нави самтҳо ва ихтисос бо назардошти талаботи бозори меҳнат;
- таҳия ва тасдиқи Низомнома «Дар бораи тартиби пурра намудани вазифаҳо аз тарафи мутахассисон дар таҳсилоти олӣ ва «Рӯйхати вазифаҳо ва ихтисосот», ки таҳсилоти олиро бо дараҷаҳои илмии «бакалавр» ва «магистр» талаб мекунанд;
- омода намудани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва методӣ, ки гузариш ба низоми бисёрдараҷаи таҳсилот ва технологияи қарздиҳии таълимро таъмин мекунад;
- ворид намудани тағйироти мувофиқ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки гузариш ба низоми нави таҳсил, демократикунонии таҳсилот, пешниҳоди худмухторӣ ба мактабҳои олӣ, низоми имтиёзҳо барои оилаҳои камбизоат, серфарзанд, ятимон, таъсиси шароити баробар барои рақобат байни мактабҳои олиро инъикос менамоянд;
- ташкил ва гузаронидани тренингҳои омӯзишӣ барои ҳайати профессорон ва омӯзгорон аз рӯи асосҳои нави технологияи таълим;

- баланд бардоштани музди меҳнати ҳайати профессорон ва омӯзгорон то дараҷаи музди меҳнати миёнаи мутахассисони соҳаи истеҳсолоти моддӣ;
- таҳкими идоракунии мактабҳои олӣ;
- пурра намудани иқтидори кадрии мактабҳои олӣ.

## ҲАДАФИ ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Таъмини хидматрасонии таъсирбахш ва самаранок ва дастрасӣ ба таҳсилоти мувофиқ ва босифат барои ҳама»

## МАҚСАДҲОИ СТРАТЕГИЯ:

1.Беҳтар намудани низоми идоракунии хидматрасониҳои таълимӣ.

2.Баланд бардоштани самаранокии соҳаи маориф бо роҳи васеънамудани мутамарказият ва пурзӯр намудани имкониятҳои инсонӣ ва институтсионалӣ.

3.Таъмин намудани сатҳи таълим дар ҳамаи зинаҳо мувофиқи мақсадҳои ҳаракати умумиҷаҳонии «Таҳсилот барои ҳама» ва Ҳадафҳои рушди ҳазорсола.

4.Таъмин намудани дастрасии баробар ба таҳсилоти асосӣ ва дигар зинаҳои таҳсилот дар асоси озмун.

5. Беҳтар намудани инфраструктура ва пояи моддию техникии соҳаи маориф.

Омилҳои хатар, ки метавонанд ба амал оянд ва ё таъсир расонанд:

- Норасоии захираҳои молиявӣ.
- Афзоиши босуръати аҳолӣ ва баландшавии талабот ба хидматраоснии таълимӣ.
- Камбизоатии қисми зиёди аҳолӣ.
- Иштироки сусти ҷомеа дар ҳалли мушкилоти ба таҳсилот алоқаманд.
- Бекорӣ ва муҳоҷирати аҳолии коршоям.
- Рушди нобаробари минтақаҳо.

## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ

*МАҚСАДИ 1: БЕҲТАР НАМУДАНИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ХИДМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ*

1.1Таҳкими структураи ташкилӣ ва равандҳои қабули қарорҳои Вазорати маориф ва мақомоти минтақавии идоракунӣ бо мақсади роҳ надодан ба такроршавӣ ва номувофиқатӣ.

1.2Беҳтар намудани самаранокии тақсимот ва идораи захираҳои молиявӣ.

1.3.Таъсис додани низоми идоракунии иттилоотии молиявии муттаҳид.

1.4.Марказонидани диққати асосӣ ба тақсимоти баробари захираҳо дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ноҳияҳо.

1.5.Захираҳои молиявӣ ва хазинаҳои сармоягузориро ба барномаҳои стратегӣ ба кор андохтан бо мақсади беҳтар кардани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳо ва тайёр намудани шахсони ҷудогона ба бозори меҳнати муосир, ва саҳм гузоштани онҳо ба рушди ҷомеаи Тоҷикистон.

1.6.Дар Вазорати маориф таъсис додани низоми иттиилоотии идоракунӣ.

*МАҚСАДИ 2:БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ СОҲАИ МАОРИФ БО РОҲИ ВАСЕЪНАМУДАНИ МУТАМАРКАЗИЯТ ВА ПУРЗӮР НАМУДАНИ ИМКОНИЯТҲОИ ИНСОНӢ ВА ИНСТИТУТСИОНАЛӢ.*

2.1.Ташаббус нишон дода, таҳия намудани барнома оид ба пурзӯр намудани имконияти кормандон дар Вазорати маориф ва мақомоти минтақавии идоракунӣ.

2.2.Ташаббус нишон дода, таҳия намудани барнома оид ба пурзӯр намудани имконияти директорони мактаб ва муаяйн намудани нақша ва вазифаҳои мактабҳои худмухтор.

2.3.Барқарор сохтани низоми мониторинги сифати кор ва дастовардҳо дар таълим тавассути системаи иттилоотӣ бо ҷалби ҷомеа.

*МАҚСАДИ 3:ТАЪМИН НАМУДАНИ САТҲИ ТАЪЛИМ ДАР ҲАМАИ ЗИНАҲО МУВОФИҚИ МАҚСАДҲОИ ҲАРАКАТИ УМУМИҶАҲОНИИ «ТАҲСИЛОТ БАРОИ ҲАМА» ВА ҲАДАФҲОИ РУШДИ ҲАЗОРСОЛА.*

3.1Аз нав намудани мундариҷаи стандартҳои давлатӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимӣ- методӣ.

3.2.Таъмин намудани тайёрӣ, такмил ва баланд бардоштани ихисосҳои педагогӣ ва дигар кормандони соҳаи маориф мувофиқи талаботҳои нав.

3.3Ворид намудани технологияҳои нав дар раванди таълим.

3.4.Амалигардонии мониторинги арзёбии сифат ва дастовардҳо дар таълим.

*МАҚСАДИ 4: ТАЪМИН НАМУДАНИ ДАСТРАСИИ БАРОБАР БА ТАҲСИЛОТИ АСОСӢ ВА ДИГАР ЗИНАҲОИ ТАҲСИЛОТ ДАР АСОСИ ОЗМУН.*

4.1.Таъмин намудани дастгирии кӯдаконе, ки дастрасии онҳо ба таҳсилот маҳдуд мебошад, мувофиқи ҳуҷҷати «Стратегияи паст кардани камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».

4.2.Амалӣ гардонидани воридсозии батадриҷи имтиҳони ягонаи давлатӣ (ИЯД) барои хатмкунандагони мактабҳо.

4.3.Таъмин намудани баробарии гендерӣ дар системаи маориф.

4.4.Фароҳам овардани шароит барои таъмин намудани дастрасии баробар ба таҳсилот дар деҳот.

Амалӣ гардонидани мониторинг ва арзёбии дастовардҳо дар дастрасии баробар ба таҳсилот.

*МАҚСАДИ 5: БЕҲТАР НАМУДАНИ ИНФРАСТРУКТУРА ВА ПОЯИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ СОҲАИ МАОРИФ.*

5.1.Амалигардонии мониторинги вазъияти инфраструктура ва базаи моддӣ-техникӣ бо назардошти ҳар як минтақа.

5.2.Инкишоф додани инфраструктура ва базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ мувофиқи афзоиши шумораи аҳолӣ бо назардошти минтақаҳо.

5.3Фароҳам овардани муҳити таълими мувофиқ, барои саломатии кӯдакон бехатар (таъмин намудан бо қувваи барқ, гармӣ, оби нӯшокӣ, хидматрасонии санитарӣ-гигиенӣ).

## Мақсади стратегии 1
## *БЕҲТАР НАМУДАНИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ХИДМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ*

Вазифаи 1.1. Такмил додани структураи ташкилӣ ва ҷараёнҳои қабули қарорҳои Вазорати маориф ва мақомоти минтақавии идоракунӣ бо мақсади роҳ надодан ба такрорёбӣ ва номувофиқатӣ. *Амалиёти стратегии вазифаи 1.1.*

- Таҳия намудани базаи меъёрии ҳуқуқӣ ва барқарор сохтани механизми соҳибихтиёрии институтсионалӣ ва мустақилияти молиявии муассисаҳои таълимӣ.
- Ҷорӣ намудани ислоҳот дар сохтори Вазорати маориф, мақомоти минтақавии идоракунӣ, муассисаҳои тобеи вазорат. Ба мақомоти идоракунии мактабҳо низоми ҷалби ҷомеа ва падару модарон якҷоя карда шавад.
- Гузаронидани таҳлили мувофиқатии роҳбарони мақомоти идоракунӣ дар сохтори ислоҳотӣ.
- Таҳия намудан ва ворид намудани низоми аттестатсияи кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти таълимӣ.

Вазифаи 1.2. Беҳтар намудани самаранокии тақсимот ва идоракунии захираҳои молиявӣ. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 1.2.*

- Соддатар намудани идоракунии захираҳои молиявии системаи маориф барои таъин намудани алоқаи бевосита байни сарчашмаи маблағгузорӣ ва истифодаи он.
- Беҳтар намудани имконияти кадрии идоракунии захираҳои молиявӣ дар сатҳи марказӣ ва маҳаллӣ барои таъмин намудани идоракунии самараноки молиявӣ, аз ҷумла мактабҳои олӣ, ки соҳибихтиёрии калони молиявӣ доранд ва ҳисобот, ки дар сатҳи минтақавӣ ва марказӣ чен карда мешаванд.

- Иҷозат додан ба мактабҳо барои тақсим намудани қисми хазинаи буҷет, аз ҷумла амонатҳои мактаб барои корҳои афзалиятноке, ки аз тарафи худи мактаб муайян карда шудаанд.
- Нишон додани таъмини молиявӣ ва захиравии таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун афзалияти давлатӣ.
- Таҳия намудани механизми ба ҳамаи зинаҳои тахсил ҷалб намудани сарчашмаҳои гуногуни молиявӣ
- Ба Парламенти ҶТ пешниҳод намудани таклиф оид ба аз нав дида баромадани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми андозбандии имтиёзнок, ки ба ҷалби сармояҳои инфиродӣ ва байналмилалӣ ба рушди соҳаи маориф мусоидат мекунанд.
- Баррасӣ намудани имконияти дохил намудани андози таълимӣ иловатан ба андозҳои мавҷуда.
- Такмил додан ва тасдиқ намудан аз тарафи Ҳукумати ҶТ «Консепсияи маблағгузории системаи маорифи ҶТ барои солҳои 2006-2015».
- Тасдиқ намудани Низонома оид ба хидматрасониҳои пулакии таълимӣ.
- Омӯхтани имконияти истифодаи маблағгузорӣ ба ҳар сари аҳолӣ.
- Таҳия намудани низоми нави музди меҳнати кормандони соҳаи маориф, ки номутаносибии байнисоҳавӣ ва дохилисоҳавиро аз байн мебарад.
- Аз байн рабудани номутаносибии музди меҳнати кормандони муассисаҳои томактабӣ.
- Баррасӣ намудани имконияти ҷорӣ намудани маблағгузории давлатӣ ва шахсии омодагии томактабии кӯдакони синнашон 5-6 дар базаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ.
- Таҳия намудани базаи меъёрии ҳуқуқии низоми қарздиҳӣ барои ба даст овардани маълумоти олӣ.

<u>Вазифаи 1.3</u>. Ташкил намудани низоми идоракунии молиявии иттилоотии якҷоя. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 1.3.*

- Таҳия намудани низоми давлатии ҳисоботи оморӣ оид ба тақсим намудан ва истифодаи захираҳои молиявӣ, аз ҷумла ғайрибуҷетӣ аз рӯи ҳамаи зинаҳои таҳсилот.
- Ташкил намудани барномаи батадриҷ ҷорӣ намудани низоми иттилоотии идоракунии захираҳои молиявӣ дар системаи маориф.

<u>Вазифаи 1.4</u>. Марказонидани диққат ба тақсимоти баробари захираҳои молиявӣ дар байни гурӯҳҳои гуногуни ахолӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ноҳияҳо. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 1.4.*

- Беҳтар намудани дастрасии баробар бо роҳи таъмини шумораи якхелаи захираҳо ба ҳар як хонанда, диққати махсус додан ба кӯдакони

имкониятҳошон маҳдуд, дар асоси меъёрҳои шаффоф ва баробар барои гирифтани хазинаҳо.

- Фароҳам овардани шароитҳои шаффоф барои иштироки сохтори инфиродӣ барои пардохт ва пешниҳоди хидматрасониҳои таълимӣ, аз ҷумла ташкили минбаъдаи муассисаҳои хусусии таълимӣ, ки ба шаҳодатномаҳои давлатӣ, стандартҳо ва меъёрҳо, шаффофият дар муқаррар намудани музди меҳнат барои таълим, музд барои хидматрасонӣ асос меёбанд.
- Ба Қонун «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои қонунгузор илова намудани моддаи махсус оид ба соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти молиявии муассисаҳои таълимӣ.

<u>Вазифаи 1.5.</u> Ба кор андохтани захираҳои молиявӣ ва хазинаҳои сармоявӣ ба барномаҳои стратегӣ бо мақсади беҳтар намудани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳо ва тайёр намудани шахсони ҷудогона ба бозори меҳнати муосир, ба саҳм гузоштани онҳо ба рушди Тоҷикистон.

*Амалиётҳои стратегии вазифаи 1.5.*

- Таҳия намудани барномаҳои стратегӣ ва маблағгузории онҳо, аз ҷумла ҷалб намудани сармояҳои дохилӣ ва беруна мувофиқи афзалиятҳои миллӣ:

-инкишофи таҳсилоти умумии миёна.

-аз нав кардани мундариҷаи таҳсил (стандартҳои давлатӣ, мактабҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимӣ-методӣ).

-тайёр намудан, такмил додан, баланд бардоштани ихтисоси муаллимон.

-ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва методҳои таълим.

<u>Вазифаи 1.6.</u> Таъсис додани низоми иттилоотии идоракунии Вазорати маориф. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 1.6.*

- Ба Қонун «Дар бораи маориф» илова намудани модда оид ба имконияти истифодаи технологияҳои муосири иттиллоотӣ (гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ) ва баланд бардоштани масъулият барои маълумоти пешниҳодшуда дар шакли электронӣ.
- Таъсиси портали Вазорати маориф.
- Ташкил намудани муҳокимарониҳо бо чалби падару модарон, созмонҳои ғайридавлатӣ, ҷомеа дар портали Вазорати маориф.
- Таҳия намудани низомнома оид ба гардиши ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ дар соҳаи НИИМ.
- Таҳия намудани барномаҳои махсуси компютерӣ барои ҷамъи маълумот дар ҳамаи зинаҳои идоракунии маълумот.
- Таҳия намудани нишондиҳандаҳо барои арзёбии идоракунии захираҳо, аз ҷумла молиявӣ.

- Таҳия намудани барнома оид ба пурзӯр намудани робитаҳо бо ҷомеа барои баланд бардоштани маълумотнокии ҷомеа оиди натиҷаҳои мониторинг ва самаранокии кори соҳаи маориф .
- Дар макабҳои олӣ таъсис додани шабакаҳои маҳаллии НИИ бо баромадан ба шабакаи асосии иттиҳодиявии илмӣ-таълимии мактабҳои олӣ.
- Таъсис додани шабакаи иттиҳодиявии компютерии системаи маориф дар ҳамаи зинаҳо бо марказаш дар Вазорати маориф.

## Мақсади стратегии 2
## *БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ СОҲАИ МАОРИФ БО ОҲИ ВАСЕЪНАМУДАНИ МУТАМАРКАЗИЯТ ВА ПУРЗӮР НАМУДАНИ ИМКОНИЯТҲОИ ИНСОНӢ ВА ИНСТИТУТСИОНАЛӢ*

Вазифаи 2.1. Пешниҳоди ташаббуси барномаи пурзӯр намудани имконияти кормандони Вазорати маориф ва мақомоти минтақавии идоракунӣ. *Амалиётҳои стратегии вазифа 2.1.*

- Таҳия намудани нақша оид ба рушди захираҳои инсонӣ барои мақомоти идоракунӣ.
- Таҳия намудани Низомнома оид ба баланд бардоштани ихтисос ва такмили кормандони ҳамаи зинаҳо.
- Беҳтар намудани Низомнома дар бораи гузаронидани аттестатсия дар ҳамаи зинаҳо.
- Таҳия намудани барномаи таълимӣ барои курсҳои баланд бардоштани ихтисос ва такмили кормандони идоракунанда.
- Кушодани курсҳои такмили ихтисос ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони идоракунанда.

Вазифаи 2.2. Пешниҳоди барнома оид ба пурзӯр намудани имконияти директорони мактабҳо ва муайян намудани нақш ва вазифаҳои мактабҳои соҳибихтиёр. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 2.2.*

- Ташкил намудани курсҳои махсус барои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ оид ба идоракунӣ ва ба кор андохтани захираҳои маҳаллӣ.
- Такмил додани Низомнома дар бораи мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади дар масъалаи ваколат доштан ва қодир будан ба ҷалб намудани маблағҳои иловагӣ.
- Санҷидани муносибатҳои нави «мактаб-ҷомеа» бо мақсади ба кор андохтани захираҳо ва идоракунии мактабҳо.

Вазифаи 2.3. Барқарор сохтани низоми мониторинги сифати кори мактабҳо ва муваффақиятҳо дар таълим тавассути низоми иттилоотӣ бо ҷалби ҷомеа. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 2.3.*

- Таҳия намудани низомнома дар бораи гузаронидани мониторинги мустақили низоми идоракунии маориф бо ҷалби созмонҳои ғайридавлатӣ.

- Таҳия намудани нишондиҳандаҳо барои мониторинги низоми идоракунӣ.
- Ба ҷомеа ва ба ҳамаи мақомоти идоракунии маориф ахборот додан оиди натиҷаҳои мониторинг.
- Гузаронидани мониторинги мустақил оид ба самаранокии идоракунии системаи маориф бо ҷалби созмонҳои ғайридавлатӣ, падару модарон ва ҷомеа.

## Мақсади стратегии 3
## *ТАЪМИН НАМУДАНИ САТҲИ ТАЪЛИМ ДАР ҲАМАИ ЗИНАҲО МУВОФИҚИ МАҚСАДҲОИ ҲАРАКАТИ УМУМИҶАҲОНИИ «ТАҲСИЛОТ БАРОИ ҲАМА» ВА ҲАДАФҲОИ РУШДИ ҲАЗОРСОЛА*

Вазифаи 3.1. Аз нав намудани мундариҷаи стандартҳои давлатӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимию методӣ. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 3.1.*

- Омода намудани иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» оиди ворид намудани таҳсилоти миёнаи базавӣ.
- Таҳия намудани стандарди давлатии тарбияи томактабӣ ва таълим.
- Аз нав дида баромадани стандартҳои давлатии мактабҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва касбии олӣ бо назардошти алоқаи мутақобилаи онҳо ва ислоҳоти стандартҳо ва нақшаи таълимии ҳамаи системаи маориф.
- Тартиб додани барномаҳои таълимӣ, ки ҷавобгӯи талаботҳои стандартҳои давлатӣ ва дастурҳо барои муаллимон бошанд.
- Таъсис додани Маркази миллӣ барои тайёр намудан ва нашри китобҳои дарсӣ.
- Тартиб додани нақшаи нашри китобҳои дарсӣ, маводҳои методию таълимӣ мувофиқи талабот, аз ҷумла забони таълим.
- Таҳия намудани Низомнома ва дар ҷараёни таълимии мактабҳои олӣ батадриҷ ҷорӣ намудани технологияи қарздиҳӣ.
- Таҳия намудани Консепсияи омодагии томактабии кӯдакони 5-6 сола.
- Таҳия намудани барномаи таҳсилоти инклюзивӣ ва ворид намудани он ба барномаи таълимии мактабҳои олии педагогӣ ва коллеҷҳои педагогӣ.
- Таҳия намудани консепсияи тарбияи хонандагон ва ҷавонони донишҷӯ дар асоси анъанаҳои миллӣ-таърихӣ ва муваффақиятҳои фарҳанги ҷаҳонӣ.
- Таҳия намудани барнома оид ба омодагӣ ва тайёр намудани мутахассисон мувофиқи эҳтиёҷоти бозори меҳнат ва ҷараёнҳои имконияти рушди иқтисод.

Вазифаи 3.2. Таъмини омодагӣ, такмил додан ва баланд бардоштани соҳаи ихтисоси кормандони педагогӣ ва дигар кормандони маориф мувофиқи талаботҳои нав. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 3.2.*

- Таъмин намудани омодагии кадрҳои педагогӣ мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 425 аз 01.10.2004 «Дар бораи барномаи давлатии омодагии кадрҳои педагогӣ барои солҳои 2005-2010».
- Таҳия намудани низомнома оид ба баланд бардоштани ҳамаи шаклҳо ва намудҳои ихтисоси кадрҳои педагогӣ, дигар кормандони системаи маориф бо назардошти ҷалби созмонҳои ғайридавлтӣ ва созмонҳои байналмилалӣ.
- Таҳия намудани барнома оид ба такмили ихтисоси муаллимон, ки ихтисоси педагогӣ надоранд.
- Омода намудани барнома оид ба омодагӣ ва такмили ихтисоси муаллимоне, ки аз 2-3 фан дарс мегӯянд.
- Таҳия намудани барномаҳои таълимӣ барои падару модарон оид ба нигоҳубин, тарбия ва таълими кӯдакони синну соли аввал ва томактабӣ.
- Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳо» ворид намудани илова: унвони фахрии «Муаллими шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Муаллими халқ».
- Тайёр намудан ва қабули Қонун «Дар бораи мақоми муаллим».
- Таъсиси факултетҳои соҳавии баланд бардоштани ихтисосҳо дар мактабҳои олӣ.
- Таъсиси низоми грантҳо барои равона намудани муаллимон, ҳайати профессорӣ-омӯзгорон барои таҷрибаомӯзӣ ба муассисаҳои таълимии хориҷӣ.
- Таҳия намудани низоми омилҳо барои ҷалби мутаххассисони ҷавон ба муассисаҳои таълимӣ.
- Тайёр намудани нақша ва шартномаҳо оид ба амалигардонии таълими солонаи муаллимон дар мактабҳои олии педагогии кишварҳое, ки ватани этникии майдамиллатҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба ҳисоб меравад (Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Россия).

Вазифаи 3.3. Ворид намудани технологияҳои нав ба раванди таълим. *Амалиёти стратегии вазифаи 3.3*

- Таҳия намудани ҳуҷҷатдории меъёрии ҳуқуқии ҷорӣ намудани технологияҳои қарздиҳӣ ба раванди таълими мактабҳои олӣ.
- Ташкил намудани курсҳои доимоамалкунанда оид ба омӯзиш ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълим.
- Таъсис додани синфҳои компьютерӣ бо пайваст ба Интернет дар муассисаҳои таълимӣ.
- Таҳия намудани барномаи истифодаи технологияҳои нави технологӣ ва методҳои нави таълим, ҳамчунин маводи методӣ оид ба ҷорӣ намудани онҳо.
- Амалигардонии барномаи компютеркунонии мактабҳои асосӣ ва миёнаи умумӣ барои солҳои 2005-2007 ва омода намудани барномаи нав то соли 2015.
- Таҳия намудани базаи меъёрии ҳуқуқӣ оид ба истифодаи таълимоти фосилавӣ.

- Таҳия намудани барномаи комплексии батадриҷ ҷорӣ намудани технологияҳои таълими фосилавӣ.
- Таъсис додани Маркази ҷумҳуриявии методӣ, ки ҳамоҳангсозии кори ҳамаи кабинетҳо ва хадамотҳои методиро амалӣ мегардонад, ҳамчунин ҷорӣ намудани технологияҳои нав.
- Таҷҳизонидани мактабҳои олии педагогӣ ва дигар мактабҳои олӣ бо компютер.
- Таҳия намудани барномаи давлатии компютеркунонии ҳамаи мактабҳои олӣ.
- Таъсис додани грантҳои махсус барои дастгирии донишҷӯёни болаёқат.

<u>Вазифаи 3.4.</u> Амалигардонии мониторинги арзёбии сифат ва дастовардҳо дар таълим. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 3.4.*

- Таҳия намудани ҳуҷҷати меъёрӣ оид ба муайян намудани меъёри сифат ва арзёбии дастовардҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот.
- Ошкор кардани натиҷаҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсил оид ба ҳамаи курсҳо ва дар сатҳи маҳаллӣ ва марказӣ гузаронидани мониторинг.
- Дар назди ПИП таъсис додани хадамоти тайёр намудани меъёрҳои арзёбии сифати таълим.
- Таъсис додани Маркази мустақили арзёбии сифати таълим.
- Амалӣ гардонидани мониторинги сифати таълим бо ҷалби иттиҳодияҳои падару модарон, муаллимон ва ҷомеаи маҳаллӣ.
- Гузаронидани мониторинги дастовардҳо дар таълим.

## Мақсади стратегии 4
## *ТАЪМИН НАМУДАНИ ДАСТРАСИИ БАРОБАР БА ТАҲСИЛОТИ АСОСӢ ВА ДИГАР ЗИНАҲОИ ТАҲСИЛОТ ДАР АСОСИ ОЗМУН*

<u>Вазифаи 4.1.</u>Таъмини дастгири кӯдакони имконияташон маҳдуд ба таҳсил мувофиқи ҳуҷҷати «Паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» *Амалиётҳои стратегии вазифаи 4.1.*

- Такмили барномаи давлатии дастгирии иҷтимоии кӯдакони эҳтиёҷманд ва кӯдакони имконияташон маҳдуд.
- Таъмин намудани дастрасӣ ба гирифтани маълумоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ бо роҳи муқаррар намудани квотаҳо барои кӯдакони ятим ва қисми аз ҷиҳати иҷтимоӣ сусти аҳолӣ.
- Таҳия намудани барномаҳои минтақавии рушди низоми тарбияи томактабӣ то соли 2010 бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, демографӣ.
- Таҳия намудани барномаҳои минтақавии рушди таҳсилоти миёнаи умумӣ то соли 2010 бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, демографӣ.

- Таҳия намудани барномаи давлатии таъсиси моделҳои камхароҷоти таълим ва тарбияи томактабӣ, ки ба давраи кӯтоҳмуддати истодани кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ асос ёфтааст (2-4 соат).

Вазифаи 4.2.Амалӣ гардонидани воридсозии батадриҷи имтиҳони ягонаи давлатӣ (ИЯД).

- Таҳия намудани базаи меъёрии ҳуқуқии ИЯД.
- Таҳия намудани ҳуҷҷатҳои зарурии ИЯД.
- Таҳия намудани барномаи батадриҷ ҷорӣ намудани ИЯД.

Вазифаи 4.3.Таъмини баробарии гендерӣ дар системаи маориф. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 4.3.*

- Таҳия намудани барномаи комплексии дастрасии духтарони деҳот ба таҳсилоти ибтидоӣ ва олии касбӣ.
- Якҷоя бо Кумитаи давлатии телевизион ва радиошунавоӣ барномаҳо оид ба баробарии гендерӣ ва моҳияти гирифтани маълумот тайёр кардан.
- Таъмин намудани ҳассосияти гендерӣ дар мундариҷаи нақшаи таълимӣ ва дар рафтори муаллимон.
- Дар сисемаи маориф тайёр намудани механизми амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии занон ва мардон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (01.03.2005, № 389).
- Таъмин намудани омодагии кадрҳои коргарӣ аз ҳисоби духтарони деҳот аз рӯи ихтисоси таҳсилоти ибтидоии касбӣ.
- Дар Кодексҳои граждании ва ҷиноӣ пурзӯр намудани моддаҳо оид ба масъулияти падару модарон барои иҷро накардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар қисмати таълимоти ҳатмӣ.
- Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадориҳои умумии ҳарбӣ» тағйирот оид ба озод будан аз хидмати ҳарбӣ хонандагони муассисаҳои таълимии ибтидоии касбӣ барои давраи таҳсил то гирифтани ихтисос дар синни 21 ворид карда шавад.

Вазифаи 4.4.Фароҳам овардани шароит барои таъмини дастрасии баробар ба маълумот дар қишлоқҷойҳо. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 4.4.*

- Таҳия намудани барномаи рушди мактабҳои деҳот то соли 2015 бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ.
- Таҳия намудани барномаи инкишофи таҳсилоти ибтидоии касбӣ то соли 2015 бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ.
- Омода намудани пешниҳодҳо оид ба кушодан ё барҳам додани мактабҳои ибтидоӣ бо назардошти имкониятҳои рушди минтақа ва ҷой.
- Омода намудани барномаи давлатии иштироки мақомоти маҳаллии ҳукумат ва ҷомеа дар ташкили кӯдакистонҳои мавсимӣ дар қишлоқҷойҳо.

- Таҳия намудани низоми кафолат барои додани қарзҳо барои сохтмони шахсӣ ва кооперативии хонаҳо барои муаллимони ҷавон, ки ба кор ба қишлокҷойҳо меоянд.
- Таҳия намудани барномаи рушди хоҷагии ёридиҳанда дар мактабҳои деҳот.

Вазифаи 4.5. Амалигардонии мониторинг ва арзёбии дастовардҳои дастрасии баробар ба таҳсилот. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 4.5.*

- Таҳия намудани нишондиҳандаҳо барои арзёбии сифатӣ ва микдории дастрасӣ ба таҳсилот.
- Таҳия намудани низоми мониторинги дастрасӣ ба таҳсилот.
- Ба ҳисоботи давлатии оморӣ нишондиҳандаҳои асосии мониторинги дастрасӣ ба таҳсилро ворид намудан.
- Таъмини кушодагии натиҷаҳои мониторинг барои тамоми ҷомеа.

Мақсади стратегии 5
*БЕҲТАР НАМУДАНИ ИНФРАСТРУКТУРА ВА ПОЯИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ СОҲАИ МАОРИФ*

Вазифаи 5.1. Амалигардонии мониторинги шароити инфраструктура ва базаи моддӣ-техникӣ бо назардошти ҳар як минтақа. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 5.1.*

- Таҳия намудани барномаи гузаронидани мониторинги инфраструктра ва базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ.
- Тахия намудани низоми нишондиҳандаҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба гузаронидани мониторинг.
- Таъсиси базаи иттилоотии натиҷаҳои мониторинг.
- Амалигардонии мониторинги вазъияти инфраструктура ва базаи моддӣ-техникии системаи маориф.

Вазифаи 5.2. Рушди инфраструктура ва базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ мувофиқи афзоиши шумораи аҳолӣ аз рӯи имконият бо назардошти ҳар як минтақаҳо. *Амалиётҳои стратегии вазифаи 5.2.*

- Таҳия намудани барномаҳои минтақавии рушди инфраструктура.
- Ба санадҳои қонунгузор ворид намудани тағйирот оид ба васеъгардонии ҷалби сармояҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ ба рушди инфраструктура ва базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ.
- Таҳия намудани лоиҳаи сармоявӣ бо назардошти ҳар як минтақа.
- Таҳия намудани барномаҳои минтақавӣ оид ба таъмин намудани хонандагон бо ҷойҳо бо назардошти хусусиятҳои демографии минтақаҳо, ҷалби ҷомеа ва сектори хусусӣ.

Вазифаи 5.3. Фароҳам овардани муҳити осудаҳолона ва барои саломатии кӯдакон бехатари таълим (таъмин намудан бо қувваи барқ, гармӣ, оби нӯшокӣ, хидматрасониҳои санитарӣ-гигиенӣ).*Амалиётҳои стратегии вазифаи 5.3.*

- Таҳия намудани барнома оид ба технологияҳои нигоҳдории саломатӣ дар муассисаҳои таълимӣ.
- Таҳия намудани барномаи таъмини доимии қувваи барқ ва гармӣ ба муассисаҳои таълимӣ.
- Таҳия намудани механизми ҷалб ва истифодаи маблағҳои ғайрибуҷетӣ (инфиродӣ ва ҷамъиятӣ) барои фароҳам овардани муҳити осудаҳолонаи таълим.
- Тартиб додани сметаи хароҷот барои батадриҷ барқарор сохтан ва беҳтар намудани шароити зиндагӣ дар хобгоҳҳои донишҷӯён.
- Таҳия ва амалигардонии барномаи пешгирии АНМБ/ВНМБ.